СОЛИ НАВАТОН МУБОРАК, ХАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

№12 (147)
30 декабри соли 2020

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН

Строительная газета

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:

13 сол бо шумоем!

ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОХИ ВАҲДАТ» ПАС АЗ ТАЪМИРУ НАВСОЗӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



>> 2 >>

«ИСТИҚЛОЛ» - МАҶМААИ БУЗУРГИ МАНЗИЛӢ - ҲАДЯИ «АВИТСЕННА» БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

>> 8 >>

СОЛИ 2021 - СОЛИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ

>> 7 >>

Хуш омад Соли Нав бар хонаи мо,
Умеди тозаи ҳар пиру барно.
Ҷаҳон аз мақдамаш ҳусни дигар ёфт,
Шукуфон шуд ба дил боғи таманно.
Муборак давлату иқболи некӯ,
Пайи парвози нав шаҳболи некӯ.

Муборак соли нав, ай миллати ман,
Муборак бар Шумо сарфоли некӯ.
Чу барф армонатон испед бодо!
Мунаввар аз гули хуршед бодо!
Хушо ин солу садҳо соли дигар,
Сафои зиндагӣ ҷовид бодо!

Марҳабо, марҳабо, марҳабо, эй Соли нав,
Бахти нав, шодии нав, иқболи нав!
Бар тамоми мардуми олам расон, эй Соли нав,
Аз шукуҳи бахти хуш, иқболи нав!

ОБУНА ШУДАНРО БА «РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН» ФАРОМӮШ НАКУНЕД!

Барои гирифтани маълумоти муфассал бо мо тамос гиред: ☎ 227-22-39.

ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ “КОХИ ВАҲДАТ” ПАС АЗ ТАЪМИРУ НАВСОЗӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

11 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе Муассисаи давлатии “Кохи Ваҳдат”-ро пас аз таъмиру навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шароиту имкониятҳое, ки пас аз навсозӣ дар он фароҳам оварда шудааст, шинос шуданд.

Муассисаи давлатии “Кохи Ваҳдат” аз чор ошёна иборат буда, таъмиру таҷдиди он соли 2017 оғоз гардида буд. Дар ин муддат ба пуррагӣ навсозӣ гардида, дар он шароити мусоиди гузаронидани чорабиниҳои сиёсии сатҳи баланд, мусоидат хоҳад кард. Таҷҳизоти тақвияти овоз низ аз ширкатҳои маъруф дастрас гардидаву барои истифодабарӣ васл гардиданд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ғайр аз толори асосӣ ҳамчунин муассиса дорои 9 толори дигар мебошад, ки ҳар кадоми он аз 50 то 200 ҷойи нишаст дорад. Дар доираи корҳои навсозӣ ба пуррагӣ ҳамаи толорҳо таъмиру таҷдид гардида, бо имкониятҳои мусоиди корӣ, ки барои гузаронидани вохӯриву ҳамоишҳои гуногун зарур аст, таъмин шудааст. Дар толорҳои хурд низ мизу курсиҳои замонавию бароҳат харидорӣ гардида, имкониятҳои мусоиди корӣ фароҳам оварда шудааст.



Ҳамзамон барои фаъолияти кормандон утоқҳои алоҳидаи корӣ ташкил гардида, ҳамаи он пас аз таъмири пурра мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд. Ҳамаи онҳо бо системаи махсуси гармидиҳӣ пайваст гардида, ҳамчунин ҷиҳози зарурии корӣ дар дохили утоқҳои корӣ насб гардидааст.

Барои қабули меҳмонони олиқадр бошад, утоқҳои алоҳидаи машваратӣ, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ мебошанд, муҳайё шудааст.

Дар таҳхонаи иншоот бошад, анборхона, ҳуҷраҳои техникӣ, ҳуҷра барои ивазкунии сару либос ва ошхона мавҷуд аст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар доираи корҳои иҷрогардида, боми бино таъмир ва навсозии системаи муҳандисии дохилӣ анҷом ёфта, иншоот дар доираи талаботҳои ҷаҳонӣ навсозӣ гардидааст. Намои берунаи “Кохи Ваҳдат” низ ба пуррагӣ таъмиру таҷдид гардида, мутобиқ ба меъёрҳои муосири шаҳрдорӣ рангу оро дода шуд. Хусусан шомгоҳон назди иншоот рангу ҷилои нотакрор дошта, он бо чароғакҳои ранга ва дастгоҳҳои зебои равшанидиҳӣ таъмин карда шудааст. Анҷоми корҳои мазкур зебогии дигарро ба ҳусни шаҳри Душанбе зам намуда, имкониятҳо барои баргузории ҳар гуна чорабиниҳо боз ҳам беҳтар гардиданд.

Бори дигар ёдрас мешавем, ки Маҷмааи “Кохи Ваҳдат” барои гузаронидани чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла, мулоқоту вохӯрии саронии давлатҳо, ҳамоишҳои минтақавию байналмилалӣ, ҷаласаҳои корӣ, бизнес-форумҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ гардидааст.

Таъмиру навсозии иншооти мазкур идомаи мантиқии тадбирҳо дар роҳи зебову замонавӣ намудани пойтахти мамлакат буда, дар маҷмуъ, давоми чанд соли охир вусъати бундёкорӣ дар шаҳри Душанбе, ки дар доираи дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ҷараён доранд, симои шаҳрро куллан дигар намудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, масъулинро вазифадор намуданд, ки имконоти мавҷударо хубу самаранок истифода баранд.

БА ИСТИФОДА ДОДАНИ ДУ БИНОИ БАЛАНДОШЁНАИ ИСТИҚОМАТӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ДУШАНБЕ

11 декабри соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Саъдии Шерозии ноҳияи Синои пойтахт ду бинои баландошёнаи истиқоматиро барои кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Биноҳои истиқоматӣ бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, аз 12 ошёна ва 124 хонаи барҳавои як ва дуҳуҷрагӣ иборат мебошад.

Ҳамчунин иншооти нав бо шабакаи гармидиҳӣ таъмин буда, ҳар як қисми он бо ду адад лифти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Биноҳо дар давоми се сол бо ҷалби мутахассисони баландихтисоси

матиро тақдим карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 120 оилаи кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки дар ин ду бинои баландошёна соҳиби хонаҳои нави истиқоматӣ гардиданд, яхдон, телевизор, мошини ҷомашӯӣ ва дигар ҷиҳози зарурии рӯзгор тақдим намуданд.

Мавриди зикр аст, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кормандони мақомоти қудратӣ, ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва сохторҳои Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити арзандаи кору зиндагӣ фароҳам оварда шудааст, ки таъмин намудани онҳо бо манзилҳои нави истиқоматӣ аз ғамхории ҳамешагии роҳбарияти олии давлату Ҳукумати мамлакат дар ин самт мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати самимӣ бо кормандон онҳоро ба хизмати содиқона ба нафъи давлату миллат ва таъмини амнияти ҷомеа ҳидоят намуданд.

Дар навбати худ кормандони соҳа ба Президенти мамлакат барои дастгириҳои пайваста арзи сипосу миннатдорӣ намуда, изҳор доштанд, ки чунин қадршиносӣ онҳоро дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ беш аз ҳар вақти дигар масъулиятшинос хоҳад кард.

Саҳни биноҳои нави истиқоматӣ бо завқи баланди зебоипарастӣ оро ёфта, майдонча барои бозиву дилхушии кӯдакон ва нишастгоҳҳои замонавӣ бунёд карда шудааст.

Дар ин ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди боз як бинои нави истиқоматии 16-ошёна санги асос гузошта, ба корҳои сохтмонӣ оғоз бахшиданд.

Тибқи лоиҳа шумораи умумии хонаҳо дар бинои мазкур 128 ададро ташкил дода, дар ҳавлии он бунёди майдонча барои бозии кӯдакон пешбинӣ гардидааст.

Сарвари давлат барои бо тарҳи замонавӣ ва ҷавобгӯи талаботи меъморию шаҳрсозӣ бунёд кардани иншооти мазкур ба меъморону сохтмончиён дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

www.president.tj



маҳаллӣ бо сатҳу сифати баланд ва мутобиқ ба меъёрҳои шаҳрсозӣ бунёд гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити биноҳои нав, ба кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон калиди хонаҳои истиқо-



ОТКРЫТИЕ ПРЕДПРИЯТИЯ ПО ПРОИЗВОДСТВУ ДИОДНЫХ ЛАМП ООО «ГАЮР КОРЕЯ ТЕХНОЛОДЖИ» В ДУШАНБЕ

16 декабря Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон вместе с Председателем Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Председателем города Душанбе уважаемым Рустами Эмомали на территории первого Парка инновационных технологий дал официальный старт первому этапу деятельности предприятия по производству диодных ламп и других осветительных приборов уважаемого Эмомали Рахмона построено в рамках сотрудничества Группы предприятий «Гаюр» с привлечением инвестиций корейской компании Гайа Энерджи Ко ЛТД (GAIA ENERGY Co. Ltd) с целью достижения ускоренной индустриализации страны.

Предприятие по производству диодных ламп и других осветительных приборов расположено на площади 400 квадратных метров и имеет склад сырья, производственную линию, склад готовой продукции и лабораторию.



ООО «Гаюр Корея Технолоджи», построенного местным предпринимателем Акбаром Гуломовым, и ознакомился с производственным процессом.

На предприятии постоянными рабочими местами и хорошей заработной платой обеспечены 40 человек, здесь налажено производство более 100 наименований продукции.

Производственная мощность нового промышленного предприятия на первом этапе составляет 100 тысяч штук ламп в месяц и 1 миллион 200 тысяч в год и ориентирована на удовлетворение нужд внутреннего рынка.

Предприятие по производству диодных ламп и других осветительных приборов является единственным в стране и по непосредственному указанию Главы государства

В настоящее время предприятие производит диодные лампы для автомобильных и пешеходных дорог, улиц и проспектов, а также для украшения зданий и сооружений и внутреннего освещения домов.

Лампы функционируют бесшумно и предназначены для работы в условиях проливных дождей и снегопадов, а также способствуют осуществлению проекта «Умный город».

Производство диодных ламп на предприятии, налаженное с использованием современных технологий RFSemi, позволяет увеличить их работоспособность до более 100000 часов.

Продукция, производимая на новом промышленном предприятии в городе Душанбе, является импортозамещающей и имеет гарантийный срок от 1 до 3-х лет.

ПРЕЗЕНТАЦИЯ 36 НОВЫХ АВТОБУСОВ И 69 НОВЫХ ТРОЛЛЕЙБУСОВ В ДУШАНБЕ

11 декабря Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон вместе с Председателем Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Председателем города Душанбе уважаемым Рустами Эмомали приняли участие в церемонии презентации 36 новых автобусов и 69 новых троллейбусов в Душанбе.

Внутригородские автобусы марки «AKIA ULTRA LE8» длиной 8 метров, рассчитанные на 64 пассажира, производятся на совместном предприятии «Акиа Авесто Автоматив Индастри» Республики Таджикистан.

На основании решения Исполнительного органа государственной власти города Душанбе с начала 2020 года совместное предприятие «Акиа Авесто Автоматив Индастри» впервые приступило к серийному выпуску внутригородских автобусов под таджикским названием «Акиа Ориё».

В соответствии с планом, до конца текущего года совместное предприятие выпустит в общей сложности 50 автобусов и доставит их транспортным предприятиям столицы.

Автобусы производятся в соответствии с международными стандартами «Евро 5», имеют двигатели «Мерседес Бенц» и немецкой компании «Zahnrad Fabrik». Все сборные запчасти импортируются со специальной гарантией и высоким качеством от известных европейских и турецких компаний.

Новые автобусы оснащены отопительным и охлаждающим оборудованием, лестницами для инвалидов, что обеспечит безопасность и транспортировку пассажиров.

В верхней части новых автобусов установлены большие мониторы, которые используются для трансляции рекламных и информационных роликов.

Напомним, что Общество с ограниченной ответственностью «Акиа Авесто Автоматив Индастри» приступило к работе в качестве совместного предприятия между Таджикистаном и Турцией в январе 2018 года, выпуская современные автобусы «Акиа» и способствуя ускоренной индустриализации страны.

Производственная мощность предприятия составляет от 250 до 300 автобусов в год, а число сотрудников - более 100 человек из числа местных специалистов.

Новые троллейбусы марки БКМ-32100D, которые ныне будут курсировать на улицах столицы, выпускаются на Открытом акционерном обществе «Белкоммунмаш» Республики Беларусь.

Каждый троллейбус рассчитан на 90 пассажиров и 22 посадочных места. Новые троллейбусы имеют ряд современных условий эксплуатации и отличаются от предыдущих марок экономией до 30% энергии, а также возможностью проезда в случае отключения электроэнергии или по другим причинам до 15 км.

СДАЧА В ЭКСПЛУАТАЦИЮ ООО «КОМБИНАТИ ОРДИ ДУШАНБЕ»

16 декабря 2020 года в районе Шохмансур города Душанбе с участием Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона и Председателя Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Председателя города Душанбе уважаемого Рустами Эмомали было сдано в эксплуатацию Общество с ограниченной ответственностью «Комбинати орди Душанбе» («Душанбинский мукомольный комбинат»).

ООО «Комбинати орди Душанбе» по причине устаревания и обветшания производственных

линий за 30 последних лет было вынуждено приостановить свою деятельность. По инициативе и при поддержке Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона и Председателя города Душанбе уважаемого Рустами Эмомали с целью развития сферы промышленности и увеличения объема производства качественной продукции отечественными предпринимателями комбинат полностью отреставрирован и обновлен на сумму более 50 миллионов сомони.

Все корпуса комбината отремонтированы с использованием строительных материалов отличного качества, привлечением местных строителей и учетом современного дизайна, а модернизация предприятия отныне будет активно способствовать поставкам муки на внутренний рынок и укреплению отечественного производства.

Общая площадь Душанбинского мукомольного комбината составляет 4 гектара, а строительство, реконструкция и модернизация существующих корпусов позволят в короткие сроки приобрести и установить новые производственные линии у ведущих европейских компаний и «КОФКО Инжиниринг и Менеджмент» Китайской Народной Республики.

В ходе ознакомления Глава государства уважаемый Эмомали Рахмон был проинформирован о том, что в настоящее время производственная линия, установленная здесь, является уникальной и не имеет аналогов по всей Центральной Азии, признана самой современной с точки зрения технологии и технических особенностей.

С вводом в действие Душанбинского мукомольного комбината в целом 100 местных специалистов стали обеспечены рабочими местами и хорошей зарплатой.

На этом комбинате за сутки перерабатывается 400 тонн пшеницы и производится более 10 видов муки под названиями «Майса», «Хуша», «Сунбула» и «Суфра», из которых налажено производство перемолотой пшеницы, макаронных и кондитерских изделий.

В ближайшие дни в Душанбе откроются фирменные магазины «Комбинати орди Душанбе».

СДАЧА В ЭКСПЛУАТАЦИЮ ПРЕДПРИЯТИЯ ПО ПРОИЗВОДСТВУ ПОЛИПРОПИЛЕНОВЫХ МЕШКОВ ООО «ГАЮР-ПАК» В ГОРОДЕ ДУШАНБЕ

16 декабря Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон и Председатель Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Председатель города Душанбе уважаемый Рустами Эмомали в столице страны сдали в эксплуатацию предприятие по производству полипропиленовых мешков Общества с ограниченной ответственностью «Гаюр-Пак», построенное отечественным предпринимателем Акбаром Гуломовым.

Главу государства проинформировали, что предприятие свою деятельность осуществляет на основе современных отраслевых технологий ведущих мировых компаний. Оборудование для предприятия было закуплено у ведущей немецко-австрийской компании «Старлингер анд Ко джиэмбиэйч», которое в настоящее время в Центральной Азии не знает аналогов.

Предприятие «Гаюр-Пак» имеет потенциальную возможность ежегодно производить 50 миллионов штук полипропиленовых мешков высокого качества и предлагать покупателям. Производимые компанией мешки являются одноразовыми, удобными и экологически безопасными.

Было сообщено, что после курсов переподготовки на предприятии «Гаюр-Пак» постоянными рабочими местами и хорошей зарплатой обеспечены 140 местных жителей.

Следует отметить, что группа предприятий «Гаюр» в составе трех предприятий ежегодно производит 2,5 миллиона тонн цемента. В связи с этим возрастает спрос на полипропиленовые мешки. Отсюда 80 процентов производимых предприятием мешков будет использоваться для удовлетворения нужд самой компании, а оставшиеся 20 процентов будут предлагаться другим отечественным предприятиям и цехам и экспортироваться в другие страны. До сегодняшнего дня этот ассортимент продукции импортировался из-за пределов страны. Отныне полипропиленовые мешки нового предприятия «Гаюр-Пак» будут конкурировать как импортозамещающая продукция на рынках страны и существенно снизят зависимость сферы от импортируемой продукции.

Помимо мешков, предназначенных для цемента, «Гаюр-Пак» также имеет возможность по заказу производить полипропиленовые мешки, предназначенные для муки, других видов пищевых продуктов и химикатов.

www.president.tj

ТАБРИКОТИ

РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗУВАЙДЗОДА МАҲМАДСАИД МАҲМУД БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2021

Ҳамкасбони муҳтарам, дӯстони азиз!

Соли 2020-уми мелодӣ, ки дар хотири мардуми Тоҷикистон ҳамчун соли заҳмати содиқонаву софдилона барои ободии Ватани соҳибихтиёрамон, амалӣ гардидани ҳадафҳои неки бунёдкорона ва дастовардҳои навбатии давлати соҳибистиқлоламон нақш хоҳад баст, анҷом меёбад ва Соли нави 2021-уми мелодиро бо умеду орзуҳои нек ва нияту нақшаҳои нави созанда истиқбол мегирем.

Аз номи ҳайати мушовараи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз номи худам мехоҳам ҳамаи шуморо бо фарорасии Соли нави мелодии 2021, яъне соли идомаи корҳои созандагиву ободкорӣ ва амалӣ гардидани орзуву ормонҳои халқи тоҷик самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо ва наздиконатон сиҳатмандиву рӯзгори осуда, бахти пояндаву иқболи нек ва зиндагии пурфайзу бобаракат орзу менамоям.

Соли 2020 барои халқи тоҷик басо соли хотирмон боқӣ мемонад. Зеро, бо заҳмати сохтмончиёни ватанӣ дар як соли охир бунёди садҳо биноҳои истиқоматӣ, муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ, хизматрасонӣ, маданӣ ва маишӣ, боғҳои фарҳангу фароғат, таъмиру азнавсозии роҳҳои автомобилгард ба анҷом расидааст, ки ин ҳама саҳми арзанда дар рушди иқтидори иқтисодии кишвар ва ободии Ватанамон мебошад. Раванди корҳои сохтмонӣ ва бунёди иншооти нави аз ҳар лиҳоз замонавӣ имрӯз дар сар то сари мамлакат бомаром идома дорад.

Татбиқи амалии ҳадафҳои созандагиву бунёдкоронаи имрӯза самараи истиқлолияти давлатӣ ва натиҷаи тадбиру талошҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба яке аз гӯшаҳои зебоманзари олам мубаддал гардонидаанд.

Мо бояд раванди созандагиву бунёдкориро минбаъд низ ҳадафи асосии худ қарор дода, истифодаи самараноки ҳамаи воситаву захираҳои мавҷударо барои идома додани корҳои созандагӣ, рушди устувори иқтисодӣ, ободии диёр ва таҳкими имкониятҳои воқеии кишварамон таъмин намоем.

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд:

«...Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд».

«Мо ҳамаи иқтидору имкониятҳоро дорем, ки раванди ободкориву созандагиро беш аз пеш густариш бахшем, барои расидан ба ҳадафҳои миллиамон кӯшишу ғайрати бештар намоем, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ камбудиҳои мавҷударо бартараф кунем, рушди устувору босуботи кишвари азизамонро таъмин созем ва рӯзгори ҳар як хонадони Тоҷикистонро аз имрӯза беҳтар гардонем».

Итминони комил дорам, ки сохтмончиёни мамлакат аз уҳдаи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ бо сарбаландӣ баромада, дар самти боз ҳам ободу зебо гардонидани Ватани маҳбубамон саҳми муносиб мегузоранд.

Бори дигар ҳамаи шумо - дӯстони азиз, ҳамкасбон, собиқадорони соҳаи сохтмон ва меъмории мамлакатро бо фарорасии Соли нави мелодии 2021 муборакбод гуфта, бароятон саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти касбиятон барои шукуфоии Ватани азизамон муваффақиятҳои беназиру дастовардҳои нав ба нав орзу менамоям.

Соли Наватон муборак бошад,
ҳамкасбони гиромӣ!

ДУШАНБЕ, ВОҚЕАН ҲАМ, ШАҲРИ ДИЛОРОСТ!

Душанбешаҳри мо, ки хонаи умеди ҳар қавму миллат, шаҳри орзуҳо, шаҳри ваҳдат, макони дӯстдоштаи сайёҳони дохилию хориҷӣ, шаҳри нишона аз гузаштагонамон мебошад, 95-сола шуд. Душанбешаҳр баъди соҳибистиқлол гаштан ба узви ЮНЕСКО ба фаъолияташ оғоз намуд. Бо фармоиши директори генералии ин ташкилот Кантиро Матсуура ба пойтахти шаҳри Душанбе Ҷоизаи “Шаҳри Сулҳ” дода шуд. Душанбе, дар ҳақиқат, шаҳри сулҳу амонист, ки ин аз хизмати арзандаи раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ шаҳодат медиҳад.



Душанбе 15 марти соли 1925 чун пойтахти ҷумҳурии худмухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон мақоми шаҳрро гирифт. Аз соли 1929 то соли 1961 шаҳр Сталинобод ном дошт. Айни замон Душанбе ба 4 ноҳияи маъмурӣ: Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Сино, Фирдавсӣ тақсим мешавад. Дар Маркази шаҳр муҷассамаи Исмоили Сомонӣ қомат рост намудааст. Дар шаҳр Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дигар академияҳои соҳавӣ ва институтҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна ва боғчаҳо, 5 театри давлатӣ, толорҳои кинонамоишдиҳӣ, 180 китобхона, 5 осорхона, вазоратҳо ва корхонаҳои давлатӣ фаъолият намуда истоданд. Меҳмонони дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба шаҳри Душанбе меоянд, руҳияшон бо дидани навгониҳои шаҳр дигар мегардад, зеро ки дар давраи 29-соли истиқлолият шаҳр симои худро куллан дигар сохтааст. Биноҳои баландошёнаи замонавӣ, тез-тез сохтаю аз нав таъмиршуда қомат рост карда истодаанд. Қасрҳои фарҳангӣ ва варзишгоҳҳои зиёд ва гулгаштҳои зебо ва чароғакҳои рангин ба ҳусни шаҳр таровати дигар мебахшад.

Шаҳре, ки тамоми ҷамъомад, маъракаҳои сиёсию фарҳангӣ, ҷашну тӯю сурҳои ботантанаро дар қасрҳои зебояш таҷлил менамояд, дӯстдоштанист. Душанбешаҳр яке аз зеботарин шаҳр дар миқёси Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, мавқеи сиёсиашро дар арсаи ҷаҳони сол ба сол баланд намуда истодааст. Ин гуфтаҳоро аз забони хориҷиёне, ки ба шаҳри орзуҳо меоянд, мешунавем. - “Зеботрини Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо марказаш - шаҳри Душанбе надида будем, баъди ба ин кишвари зебо ва пурфайз ташриф овардан шоҳиди онем, ки ниҳоят зебою мафтункунанда аст, боз мехоҳем, ки зуд-зуд ба ин макон омада, аз табиати дилфиреб ва меҳмоннавозии тоҷикона бархӯрдор гардем, - андеша доранд аксар сайёҳон.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз рӯзи раиси шаҳри Душанбе интихоб шуданаш, аллакай симои шаҳрро бо диди наву замонавӣ тағйир дода истодааст. Махсусан, зиёда аз 128 майдончаи варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои он барои ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва баланд бардоштани обрӯю эътибори Ватани мо, мусоидат кардан ба тарзи ҳаёти солим ҳадафи асосии шаҳрдорист. Масъулияти шаҳрдориро риоя намуда, ба тозагии шаҳру ноҳияҳои он камар бандем, зеро ки Душанбе хонаи ҳамаи тоҷикону тоҷикистониён аст. Новобаста аз кадом қавму миллат будан, дар фазои оромӣ осуда умр ба сар мебарем.

Воқеан ҳам, сокини пойтахт будан шараф аст. Аз ин рӯ, вазифадорем, ки ба қадри ободии он бирасем ва агар тавонем, дар роҳи боз ҳам зебову шукуфон гаштани он саҳми худро гузорем.

Наврӯз МИСОКОВ,
омӯзгори тарбияи ҷисмонии мактаби №41,
шаҳри Душанбе

гардида, оид ба 2 лоиҳаи гуманитарӣ - яке оид ба соли 2021-ум амалисозии Барномаи байнидавлатии “Пойтахти фарҳангии Иттиҳод” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаре эълон гардидани соли 2021 “Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ” қарорҳои ҷаласа ба имзо расиданд. Дар натиҷа соли 2021 “Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ” ва шаҳри Душанбе Пойтахти фарҳангии Иттиҳод дар соли 2021 эълон карда шуда, ба ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчиёни ИДМ баҳри амалисозии онҳо дастур пешниҳод гардид.



СОЛИ 2021 - СОЛИ МЕЪМОРӢ ВА ШАҲРСОЗӢ

Санъати меъморӣ дар ҳама асру замон яке аз ҷабҳаҳои муҳимтарини муаррифгари тамаддун, маърифат ва тафаккури тарихиву ҷамъиятии ҳар як халқу миллат ба ҳисоб меравад. Пӯшида нест, ки дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз оғози Истиқлолияти давлатии мамлакат инҷониб, ба ин масъалаи ниҳоят мубраму назарраси рушди ҷамъият, пешравии бемайлони санъати меъмориву шаҳрсозӣ, ки таъриху анъанаҳои миллии ҳазорсола дорад, аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат, алалхусус Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти хосаву эҷодкоронае дода мешавад.

Натиҷаи ҳамин ғамхориву фидокориҳо буд, ки ҳоло бо саъю кӯшиш ва талоши меҳанпарастонаи меъморону мутахассисони соҳа, дар давраи начандон калони таърихӣ, санъати меъмориву шаҳрсозии таърихан куҳану мазмунан муосири тоҷик ба дастовардҳои назаррасу муҳим соҳиб гашта, дар арсаи байналмиллӣ як мавқеъи муайянеро ишғол менамояд.

Ҳоло бошад, бахшида ба ҷашни ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ки соли 2021 баргузор мегардад, дар саросари мамлакат садҳо бинову иншооти замонавию тозабунёд мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки дар ин фаъолияти пурмасъулу самараноки меъморону бинокорони кишвар, ҳиссаи хоксоронаи аъзоёни Иттифоқи меъморони Тоҷикистон низ ба назар мерасад. Дар арафаи ҷашнгирии ин дастоварди бузурги таъриху сиёсии халқи тоҷик, 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон соли 2021 ба таъсисёбии Иттифоқи меъморони Тоҷикистон расо 85 сол пур мешавад, ки ҷашнгирии он бо

натиҷаҳои назаррасу тахассусӣ аз тарафи Раёсати иттифоқ ба нақша гирифта шудааст.

Моҳи сентябри соли 2018 дар пойтахти ватани маҳбубамон шаҳри Душанбе вохӯрии сарони давлатҳо, аъзоёни Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) баргузор гардид. Дар қатори 17 қарори дар ҷаласа қабулшуда, оид ба 2 лоиҳаи гуманитарӣ - яке оид ба соли 2021-ум амалисозии Барномаи байнидавлатии “Пойтахти фарҳангии Иттиҳод” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаре эълон гардидани соли 2021 “Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ” қарорҳои ҷаласа ба имзо расиданд. Дар натиҷа соли 2021 “Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар ИДМ” ва шаҳри Душанбе Пойтахти фарҳангии Иттиҳод дар соли 2021 эълон карда шуда, ба ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчиёни ИДМ баҳри амалисозии онҳо дастур пешниҳод гардид.

Қабул гардидани ин қарорҳои ниҳоят муҳим ва саривақтӣ дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо меъморони Тоҷикистонро бетараф нагузошт. Меъморони ҷумҳурӣ саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки баҳри дар сатҳи зарурӣ гузаронидани чорабиниҳои пешниҳодшуда, саҳми назаррасу арзандаи худро гузоранд.

Эълон гаштани соли 2021 ҳамчун “Соли меъморӣ ва шаҳрсозӣ” дар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба мо меъморон имконият медиҳад, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналхалқӣ қобилияти эҷодии худро намоиш дода, нақши бузурги иҷтимоии меъморро дар ҷамъияти муосир нишон диҳем. Ба таври арзанда иҷро намудани ин вазифаҳои дар назди мо истода - қарзи мост.

Бар дӯши насли ҳозираи мо масъулияти дар курраи Замин нигоҳ доштани ҳаёт гузошта шудааст ва мо - меъморон бояд ба муқобили вайронкорӣ ва таҷовуз - санъати баланди меъморӣ, маданият ва фарҳангро муқобил гузорем.

Соли 2021 бо чорабиниҳои ниҳоят зиёд ва ҷолиби меъморӣ хотирмон мегардад ва бо ин сабаб ҳамаи чорабиниҳо, лоиҳаҳои меъморӣ, мақолаҳо, баромадҳо ва ҷаласаҳо оид ба масъалаҳои рушди меъморӣ ва шаҳрсозӣ бояд ба таври васеъ тарғиб карда шаванд.

Мехоҳам, аз фурсати муносиб истифода бурда, аз номи Раёсати Иттифоқи меъморони Тоҷикистон ҳамаи ҳамкасбони худро бо фарорасии Соли Нав самимона табрик намуда, дар фаъолияти эҷодиашон муваффақиятҳои беназир орзу намоям. Умед дорам, ки ҳамаи чорабиниҳои меъморӣ, ки дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор мегарданд, бомуваффақият баргузор гашта, дар хотираи ҳар яки мо чун соли хотирмон боқӣ хоҳад монд. Бигузор Соли 2021 соли бузурги иҷро гаштани орзую ниятҳои деринаашон гардад.

Б. ЮСУПОВ, Раиси Иттифоқи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон

МАҲФИЛИ ЭҶОДИИ МЕЪМОР

Рӯзи 12 декабри соли равон дар Хонаи меъморони Тоҷикистон маҳфили эҷодӣ бахшида ба 50-солагии фаъолияти эҷодӣ ва 70-солагии меъмори шинохтаи ҷумҳурӣ, барандаи медали тиллоии Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, унвонҳои фахрии «Устоди меъморӣ» ва «Меъмори фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявӣ, собиқ сармеъмори шаҳри Душанбе, сармеъмори Раёсати экспертизаи ғайриидоравии давлатии лоиҳаҳои шаҳрсозӣ, сармеъмори ПИТЛ «Сохтмон ва меъморӣ» Миршариф Шаҳобов баргузор гардид.

Дар толори Хонаи меъморон лоиҳаҳои эҷодии соҳибҷашн ба намоиш гузошта шуда буданд. Дар маҳфил ҳамкасбон, ҳамкурсон, ҳамкорон ва шогирдони М. Шаҳобов ширкат варзиданд. Аз баромади Раиси Иттифоқи меъморон Баҳром Юсупов, докторони илми меъморӣ Муқимов Р.С., Акбаров А.А., Ҳасанов Н.Н., Тиллоев С.А., сармеъмори пажуҳишгоҳи «Шаҳрофар» Файзуллоев Қ., Калонова М.Ю. ва дигарон баромад карда, ҳозиринро бо ҳаёт ва фаъолияти меъмор шинос намуданд.

Дар охир Раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон Баҳром Юсупов ба меъмор Миршариф Шаҳобов дар ҳолати тантанавӣ Ифтихорномаи фахрии Ассотсиатсияи Байналхалқии иттифоқҳои меъморони мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва нишони саринсинагии унвони фахрии «Устоди меъморӣ»-ро тақдим намуд.

Хабарнигори «РБ»

«ИСТИҚЛОЛ» - МАҶМААИ БУЗУРГИ МАНЗИЛӢ - ҲАДЯИ

Ширкати ватании «Авитсенна» тасмим гирифтааст, ки бо мақсади истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе дар пойтахт Маҷмааи бузурги истиқоматии «Истиқлол»-ро сохта ба истифода диҳад. Маҷмааи мазкур дар кӯчаи Айнӣ, 53 дар масоҳати 6 гектар бунёд гардида, аз биноҳои 16 ва 18 ошёна иборат мебошад. Алҳол корҳои сохтмонӣ дар бунёди ин маҷмааи бузурги истиқоматӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

«АВИТСЕННА» ДАР ТАТБИҚИ НАҚШАИ ГЕНЕРАЛИИ ПОЙТАХТ САҲМ МЕГУЗОРАД

Мудири тиҷоратии ширкати «Авитсенна» Комил ХОЛИҚОВ мегӯяд, ки ширкати «Авитсенна» бо мақсади саҳм гузоштан дар бунёди иншооти ҷашнӣ ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе ният дорад, ки дар шаҳри Душанбе беш аз сад ҳазор метри мураббаъ биноҳои истиқоматӣ ва марказҳои савдою хизматрасонӣ бунёд карда, дар раванди корҳои ободонию бунёдкорӣ дар пойтахт саҳми босазо гузорад. Мавсуф афзуд, ки биноҳои истиқоматие, ки аз ҷониби ширкат дар пойтахт бунёд мегарданд, барои мардум дастрас буда, ҳар як метри мураббаъи он 4600-5500 сомонӣ арзиш доранд. Бо дахли фаъолияти ширкати ватанӣ Комил Холиқов афзуд, ки ширкати «Авитсенна», ки моҳи майи соли 1997 таъсис дода шудааст, дар тӯли фаъолияти 23-солаи худ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Дар солҳои аввали таъсис ширкат ба истеҳсоли обҳои минералӣ ва нӯшокиҳои ранга машғул буд ва ягона корхона дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт, ки обҳои минералӣ ва нӯшокиҳои ташнашиканро дар зарфҳои пластикӣ бастабандӣ карда, ба бозори дохилӣ пешниҳод менамуд.

МАҶМААҲОИ «ВАТАН», «ВАҲДАТ», «СИМУРҒ», «ҲУШАНГ» БА ПОЙТАХТ ШУКУҲ МЕБАХШАНД

Алҳол ширкати «Авитсенна» доираи фаъолияташро фарох ва гуногунсоҳа намуда, дар соҳаҳои кишоварзӣ, истеҳсолот, сохтмон фаъолияти густурда дорад. Афзалияти фаъолияти ширкати «Авитсенна» дар сохтмони биноҳои баландошёна мебошад, мегӯяд Комил Холиқов. Самараи корҳои сохтмонии ширкат дар шаҳри Душанбе ва навоҳии атрофи он, хусусан шаҳри Ҳисор чашмрасанд. Бархе аз биноҳои баландошёна, ки дар маркази пойтахт сохта, ба истифода дода шудаанд, назири биноҳои баландошёнаи истиқоматии 18 ошёнаи «Симурғ» дар кӯчаи Шоҳтемур, «Ҳушанг» 16-18 ошёна дар кӯчаи Бухоро, «Ватан» 16-20-24 ошёна дар кӯчаи Айнӣ 29/9, «Ваҳдат» 16 ошёна дар кӯчаи Айнӣ 52/46, ва бинои баландошёнаи истиқоматии «Шоҳтемур» дар кӯчаи Шоҳтемур 25, ки аз 12 ошёна иборат аст, шаҳодати гуфтаҳост. Маҷмааи биноҳои истиқоматии «Симурғ», «Ҳушанг»,«Ватан», «Ваҳдат» ва «Шоҳтемур» бо тарҳи замонавӣ ва сабку услуби хоси сохтмонию меъморӣ, дар асоси меъёрҳои ҷаҳонӣ бунёд гардида, ба пойтахт шукуҳу шаҳомат зам намудаанд. Дар ошёнаҳои поёнии маҷмааҳои истиқоматии болозикр марказҳои савдо ва хизматрасонӣ таъсис дода шудааст, ки дар фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ мусоидат менамоянд.

- Гузоштани номҳои хушоҳанги «Симурғ», «Ҳушанг», «Ватан» ба маҷмааҳои манзилӣ, ки аз ҷониби ширкати «Авитсенна» сохта шудаанд, идеяи кист?

Ҳар як бино ва маҷмааи манзилие, ки месозем, ба худ номи зебову рамзӣ ва бостонӣ доранд. Тарҳу ранг ва намои берунии онро низ ба номаш мутобиқ гардонида истодаем, ки ин дар бахши сохтмони манзил ва ободонии пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе иқдоми нек аст. Номҳои зебову хушоҳанг ва бостонӣ гузоштан ба се маҷмааи манзилӣ дар пойтахти кишвар, назири «Симурғ», «Ҳушанг» ва «Ватан» - идеяи мудири кулли ширкати «Авитсенна» ва аҳли кормандонаш буда, ин биноҳо дар ҳамкорӣ бо муҳандисону меъморони хориҷӣ тарҳрезӣ гардида, аз сӯи меъморони ватанӣ хуш пазируфта шуд. Чунин таҷриба дар кишварҳои пешрафтаи дунё ба таври васеъ истифода мешавад. Маҷмааҳои манзилии «Симурғ», «Ҳушанг» иборат аз 18 ошёна ва «Ватан» бо 24 ошёна дар маркази пойтахт бунёд гардидаанд.

7000 ДАРАХТОНИ ҲАМЕШАСАБЗИ НОДИР БОҒИ «ШАРШАРА»-РО ХУРРАМ ГАРДОНИДААНД

Ҳамзамон ширкати «Авитсенна» дар татбиқи раванди «Ҷабҳаи бузурги созандагӣ дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон», ки дар ростои истиқболи сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардидааст, 18 сентябри соли равон дар шаҳри Ҳисор чор иншооти ҷашнӣ - Боғи фарҳангӣ-фароғатии зимистонаи «Шаршара», корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, Маркази байналмилалии савдо ва хизматрасонии «Ҳисор» ва кӯдакистони «Кабӯтар»-ро бунёд намуд, ки дар маросими ба истифода додани ин иншоот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуданд, - афзуд директори тиҷоратии ширкати «Авитсенна». Боғи фарҳангӣ-фароғатии зимистонаи «Шаршара», ки дар шафати Қалъаи Ҳисор дар масоҳати 3,5 гектар бунёд гардидааст, дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ мусоидат менамояд. Он дорои 700 ҷойи нишаст аст ва барои баргузории тӯю маъракаҳо ва дигар чорабиниҳо ду толори барҳаво барои 160 ва 65 нафар сохта шудааст. Инчунин барои қабули сайёҳону истироҳати шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, мегӯяд мусоҳиби мо. Иншоот дорои боғи муҳташами зимистона буда, дар дохилаш гулу буттаҳои нодир ва беш аз 7000 дарахтони ҳамешасабзи нодир, ки аз кишварҳои аврупоӣ ворид гардидаанд, шинонида шудааст. Атрофи боғ бо зиёда аз 4500 бех дарахти сояафкан оро ёфта, дар он 65 нафар сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ гардиданд. Дар маҷмаа бо санъати баланд барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ хӯрокҳои миллӣ омода мегардад. Инчунин дар боғ 10 ҳуҷраи алоҳида мавҷуд аст, ки дар ҳар яки он дар як вақт 12 нафар меҳмон қабул гардида, таомҳои милливу аврупоӣ пешкаш мегардад. Девор ва атрофи иншоот пурра бо сангҳои маҳаллӣ оро ёфта, дар он табиати зебо ва ҳайвоноти нодири Тоҷикистон акс ёфтаанд, ки таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Дар саҳни маҷмаа шаршараи муҳташам ва фаввораи зебо бунёд ёфта, барои фароғати мизоҷон ва нишастгоҳҳо насб гардидаанд. Дар дохили боғ ҳамчунин майдончаи варзишӣ барои дӯстдорони варзиш ва таваққуфгоҳ барои 150 автомобил бунёд гардидааст.

МАРКАЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ «ҲИСОР» МУАРРИФГАРИ МОЛУ МАҲСУЛОТИ ВАТАНИСТ

Маркази байналмилалии савдо ва хизматрасонии «Ҳисор» иншооти муосири сеошёнаест, ки дорои шароиту имконоти мусоиди хизматрасонии сатҳи баланд аст, афзуд Комил Холиқов. Бинои нову замонавӣ дар масоҳати умумии 16 ҳазор метри мураббаъ аз ҷониби ширкати «Авитсенна» дар маркази шаҳри Ҳисор сохта шуда, барои идомаи фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар мамлакат макони мусоиди корию хизматрасонӣ маҳсуб меёбад. Ин Марказ дар доираи тадбирҳои ободонӣ барои истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ сохтани сифати савдою хизматрасонӣ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ва татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат ба истифода дода шуда, дар доираи ҳамкории минбаъдаи тиҷоратӣ хати истеҳсолии беш аз 60 корхонаи бонуфузи музофоти Сичуани Чин ворид мегардад, ки ин раванд ба дурнамои рушди соҳаи саноати мамлакат такони ҷиддӣ мебахшад. Дар доираи ҳамкории судманди Тоҷикистон бо Чин ҷиҳати таъсиси коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ, муаррифии маҳсулоти тавлидоти ватанӣ ва ба роҳ мондани содироти он ба хориҷи мамлакат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ, ки яке самтҳои асосии сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад, бунёд гардида, ояндаи наздик бо амалишавии ҳадафҳо беш аз 800 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи корӣ доимӣ таъмин мешаванд. Дар Марказ барои дастрасии аҳолӣ ва дар доираи ҳамкории муштарак ба роҳ мондани содироти техникаву механизмҳои кишоварзии истеҳсоли ватанӣ ба кишварҳои ҳамсоя, шароити мусоиди намоиш ва фурӯш муҳайё гардидааст.

БУНЁДИ КӮДАКИСТОНИ «КАБӮТАР» ДАР ДОИРАИ ИҚДОМИ МАОРИФПАРВАРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

CMYK

«АВИТСЕННА» БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

аз ҷониби ширкати «Авитсенна» дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Ҳисор бинои хуштарҳи кӯдакистони замонавии «Кабӯтар» сохта ба истифода дода шуд, ки дар он 30 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд. Кӯдакистони «Кабӯтар» барои 250 нафар кӯдак сохта шуда, он аз ду ошёна, 11 синфхонаи барҳавои таълимӣ, ошхона, толори алоҳида барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангию варзиши сабук ва утоқҳои корӣ иборат мебошад.

- Сирри соҳибкори муваффақ дар чист?

- Ҷалби мутахассисони ботаҷриба, такя кардан ба тими пурқувват ва тақвияти ҳамкорӣ бо шарикони хориҷиро аз комёбиҳои ҳар як соҳибкор ва ширкат арзёбӣ намуд, зеро роҳбари ҳар як ширкат наметавонад дар танҳоӣ корро пеш барад ва ширкат ба муваффақият ноил гардад, - мегӯяд Комил Холиқов. Мавсуф сири соҳибкори муваффақро дар аз бар намудани донишҳои марбут ба соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва дар маҷмуъ ба иқтисоди бозаргонӣ рабт дода гуфт, ки ҳар як ҷавон, ки ба соҳибкорӣ рӯй меорад, бояд савияи донишҳои худро доир ба қонунгузории давлат, бахусус низоми бонкӣ, андозбандию гумрукӣ мукаммал гардонида, бояд бозори маҳсулот ва хизматрасониро хуб омӯзад, то бо сатҳи хизматрасонӣ ва маҳсулоташ дар бозор рақобатпазирӣ карда тавонад.

САҲМ ГУЗОШТАН ДАР ОБОДОНИИ ВАТАН БАРОИ СОҲИБКОРОН ШАРАФ ВА МАРДОНАГИСТ

- Роҳбарияти ширкат дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ тасмим дорад, ки барои таъсиси ҷойҳои корӣ, саҳм гузоштан дар рушду пешрафти иқтисодиёти мамлакат, хусусан дар татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешад, - гуфт ҳамсуҳбати мо. Зеро маҳз бо иқдомҳои Пешвои миллат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ барои соҳибкорон имконияту шароит ва фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ фароҳам оварда шудааст.

- Саҳми шоиста гузоштан дар ободонию пешрафт ва шукуфоии сарзаминамон - Тоҷикистон рисолати ҳар як соҳибкори ватандӯсту бонангу ор бояд бошад, чунки нақши бориз гузоштан дар ободонии диёр барои ҳар фард, хусусан соҳибкорон шараф ва мардонагист.

- «Авитсенна» номгузорӣ намудани ширкат аз кӯҷо сарчашма мегирад?

- Ширкати «Авитсенна»-ро агар зодаи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон гӯем, иштибоҳ намекунем, зеро «Авитсенна» муддати 23 сол аст, ки дар бозори тиҷоратии кишвар фаъолият дошта, дар рушди иқтисоди ҷумҳурӣ саҳми муносиб мегузорад. Фаъолияти ширкати «Авитсенна» аз истеҳсоли обҳои маъданӣ ва нӯшобаҳои рангаи гуногуни ташнашикан оғоз гардида, батадриҷ дар натиҷаи омӯзиши бозори дохилии кишвар ва таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон самти фаъолияти худро васеъ гардонид. Дар ин росто, бо назардошти талаботи бозори дохилии ҷумҳурӣ ширкати «Авитсенна» имрӯз ҳам дар бахши хизматрасонӣ, кишоварзӣ ва сохтмон фаъолияти худро ба роҳ монда, дар ин самт ба дастовардҳои чашмрас мушарраф гардид. Дар ин муддат ширкати «Авитсенна» тавонист, ки бо фаъолияти ногунсоҳа, хусусан истеҳсоли маҳсулоти бозоргир ва сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ обрӯю эътибор ва нуфузи худро дар ҷумҳурӣ баланд бардорад. Инчунин роҳбарият ва аҳли кормандони ширкати «Авитсенна» фаъолияти худро дар партави дастгирӣ ва сиёсати иқтисодии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, саъю талош менамоянд, ки дар ташаккули иқтисодиёти миллӣ, ғанӣ гардонидани буҷети кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ саҳми бориз гузоранд. Дар тӯли фаъолияти худ мудирияти ширкат тавонист шумораи ҷойҳои кориро ба зиёда аз 800 адад расонад, инчунин дар ворид намудани технологияи нав, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоте, ки дар бозор рақобатпазир ҳастанд корҳои назаррас ба анҷом расонида шуданд.

Кормандони ширкати «Авитсенна» талош менамоянд, ки ҷавобан ба он ғамхориҳое, ки аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан он сабукиҳое, ки ба соҳибкорон дода мешаванд, бо истифода аз таҷрибаю малакаи худ дар пешрафти иқтисоди кишвар нақши муассир гузоранд. Самти фаъолияташ ба истеҳсоли обҳои маъданӣ ва нӯшобаҳои рангаи гуногуни ташнашикан, ба мисли «Авитсенна», «Шоҳамбарӣ», «Олуча», «Буратино» ва ғайра нигаронида шуда буд. Маҳз бо шарофати истеҳсоли оби маъдании «Авитсенна» ширкат бо номи ҳамин оби маъданӣ дар бозори кишвар машҳур гардид. Аз ин рӯ, аз соли 1999 ширкат номи «Авитсенна», унвони яке аз олимони барҷаста, мутафаккири бузурги Шарқ - Шайхурраис Абӯалӣ ибни Синоро гирифт, ки дар кишварҳои Ғарб Синоро Авитсенна ном мебаранд. «Авитсенна» ном гирифтани ширкатин ифтихор ва эҳтиром нисбат ба шахсиятҳои бузурги ниёгони худ - тоҷикон аст. Имрӯз аз он бояд шукргузорӣ намоем, ки дар фазои сулҳу субот кору зиндагӣ дорем, зеро оромию осоиштагӣ ва саломатии мардум давлати бузург аст. Рисолати мо соҳибкорон содиқона ба халқу ватан хизмат кардан ва саҳми муносиб гузоштан дар рушду пешрафти иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани нуфузи эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

СОҲИБКОРӢ ПОКВИҶДОНӢ ВА ФАРҲАНГИ БАЛАНДРО МЕПАРАСТАД

Воқеан шуғл варзидан ба соҳибкорӣ ва тиҷорат кори саҳл нест, зеро соҳибкорӣ аз ҳар як нафар, ки рӯ ба ин пеша овардааст, қабл аз ҳама, дилу нияти пок, имону виҷдони комил, инсоф, фарҳанги баланд, донишу саъю талош, заҳматҳои шабонарӯзӣ, эътимод ба шариконӣ ҳамкор, фаъолият дар доираи қонунҳои амалкунандаи кишвар ва дар заминаи он, саҳми муносиб гузоштан ба рушди бахшҳои иқтисодро тақозо менамояд. Ҳар як соҳибкоре, ки ин фазилатҳоро дар фаъолияташ сармашқи кори худ менамояд, албатта, аз пешаааш баракат меёбад, дар байни мардум соҳиби обрӯ гардида, дар ҷомеа мавқеашро пайдо намуда, билохира соҳибкори муваффақ мегардад.

СОҲИБКОРИ АСИЛ АЗ МУШКИЛОТ НАМЕҲАРОСАД

Соҳибкори имрӯза аз соҳибкори 10-15 сол қабл тафовути калон дорад, зеро бо гузашти вақт шароиту имкониятҳо ҳам барои фаъолияти соҳибкорон дигар гардиданд. Бархе аз соҳибкорон соҳиби имтиёзҳо мебошанд ё худ аз ҷониби давлат дастгирӣ меёбанд. Соҳибкороне, ки дар ин давра ба натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ ноил гардидаанд, ҳамааш бо шарофати дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, зеро дар ҷумҳурӣ фазои озоди сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ муҳайё мебошад. Яке аз омилҳои асосии муваффақ гардидани ширкати «Авитсенна» дар бозори тиҷоратии кишвар, пасисар намудани тамоми он мушкилот ва вазниниҳоест, ки ба мо, соҳибкорон дар солҳои қаблӣ пеш омада буданд. Соҳибкори асил аз чунин мушкилот ва вазниниҳо ҳаргиз намеҳаросад, зеро он мушкилот барои мо дарси ҳаёт ва мактаби бузурге гардиданд, ки аз он бо сарбаландӣ гузаштем. Соҳибкори имрӯза бояд дорои фарҳанги баланд бошад, барои мукамммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан англисӣ саъй намояд. Ҳар як шахсро зарур аст, ки қабл аз оне, ки ба соҳибкорӣ машғул гардад, бояд бозори маҳсулот ва хизматрасониро хуб омӯзад, то бо сатҳи хизматрсонӣ ва маҳсулоташ дар бозор рақобатпазирӣ карда тавонад.

СТРАТЕГИЯИ КОРБАРӢ - СИРРИ СОҲИБКОРИ МУВАФФАҚ

- Сирри соҳибкори муваффақро агар дар доираи фаъолияти ширкати «Авитсенна» арзёбӣ намоям, пеш аз ҳама, он ба стратегияи корбарии роҳбарияти ширкат ва нақшабандию барномарезиҳое, ки аз ҷониби мудири кулли ширкат тарҳрезӣ мегарданд, тавъам аст. Нақшабандиҳое, ки барои як сол ва панҷ сол таҳия мегарданд, дар он ҳатман дурнамои рушди ширкат ва саҳми он дар ташаккули иқтисоди миллӣ ба инобат гирифта мешавад. Инчунин ба рушду пешрафти ҳар як ширкати истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, ҷалби мутахассисони баландтаҷриба ва дар заминаи он тарбия ва омода намудани кадрҳои ҷавони маҳаллӣ, ки донишгоҳҳоро хатм менамоянд, мусоидат менамояд.

ПЕШРАФТИ КОР АЗ ҲАМКОРИСТ

- Бидуни ҳамкорӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ тиҷорат пеш намеравад. Яке аз омилҳои асосии пешрафти ширкати «Авитсенна» - омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мутахассисони кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, назири Русия, Чин, Туркия, Эрон, Украина ва инчунин кишвари ҳамҷавор - Ӯзбекистон аст. Ширкати «Авитсенна» дар бахши сохтмон ва кишоварзӣ мутахассисони хориҷиро ба таври шартномавӣ ба муддати як-ду моҳ, баъзан то як сол барои омӯхтани таҷриба ба кишварамон даъват мекунад. Мо кӯшиш менамоем, ки кадрҳои маҳаллӣ аз таҷрибаи онҳо омӯзанд, малакаи худро баланд бардоранд. Умед аст, ки дар оянда мо аз ин кор натиҷаҳои хуб ба даст меорем. Барои пешрафти кор мутахассисоне ҷалб карда мешаванд, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ доранд.

Марзия САИДЗОДА, махсус барои "РБ"

CMYK

МАРДИ МАТИНИРОДА ВА БУНЁДКОР

Дар ҷомеа шахсоне кору зиндагӣ мекунанд, ки бо масъулиятшиносию чашмикордонӣ ва меҳнатдӯстӣ, умри бобаракати худро сарфи бунёдкорию ободонӣ, рушду нумуъи ватан ва миллат намудаанд. Яке аз чунин шахсиятҳои нексиришт ва матинирода Юсупов Қурбон Шамсуллоевич мебошанд, ки солиёни зиёд дар бунёду сохтмони иншооти таъиноташон гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъулиятшиносӣ ва меҳнатдӯстӣ нақши босазо гузоштаанд. Агар саҳифаи китоби зиндагиномаи ин марди наҷиб, ғаюру қавиирода ва ростқавлро варақ гардонем, басо рангин ва ибратомӯз аст, зеро Қурбон Юсупов нахуст ҳамчун инсони нексиришт, мутахассиси варзида ва роҳбари чашмикордону масъулиятшинос дар сохтмони даҳҳо иншооти хурду бузурги соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат, хусусан бунёди шаҳракҳо, сохтмони биноҳои истиқоматӣ дар пойтахт ва пулҳои бузурги автомобилгард дар минтақаҳои куҳистони Тоҷикистон саҳми бориз гузоштааст.

Қурбон Юсупов зодаи деҳаи зебоманзараи Сангтӯдаи ноҳияи Данғара аст. Ӯ соли 1934 дар ҳамин деҳа чашм ба олами ҳастӣ кушода, соли 1940 оилаи онҳо ба пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе, ки он вақт Сталинобод ном дошт, кӯчиданд. Қурбон Юсупов дар оила таҳти тарбияи волидайн, ки хеле шахсони ҳалиму меҳрубон ва мушфиқ буданд, ба камол расидааст. Маҳз бо панду насиҳатҳо ва роҳнамоии падари хирадманду бузургвораш Шамсулло Юсупов, Қурбон Юсупов баъди хатми мактаби миёна ба Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон шомил гардида, соли 1959 Донишкадаро сарбаландона бо ихтисоси муҳандиси механики умумӣ хатм намуда, ба вазифаи сармуҳандиси колхози ба номи Ленини ноҳияи Регар - ҳоло шаҳри Турсунзода таъин мегардад. Ҳамчун мутахассиси варзида ва чашмикордон Қурбон Юсупов соли 1960 дар трести сохтмону монтажи «Союзпроммонтаж» ба ҳайси механики маҳаллӣ ба кор шуруъ намуда, дар соли 1962 вай муовини сардори Раёсати механизатсия ва нақлиёти «Главтаджикстрой» таъин шуд. Дар ин давра корхонаи таҷрибавии «Ремстройдормаш»-и Душанбе бунёд гардид. Мутахасссиси хубу масъулиятшинос будани Қурбон Юсупов аз зери чашми масъулин дур намонд ва соли 1964 ӯро ба вазифаи менеҷери трести «Тоҷикспецстроймеханизатсия» таъин намуданд, ки дар он ҷо то соли 1977 кор кард. Дар ин давра - солҳои 70-уми асри 20 дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе сохтмони иншооти таъиноташон гуногун, шаҳракҳо ва биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ дар авҷ буд. Маҳз таҳти роҳбарии мустақими Қурбон Юсупов иншооти муҳандисӣ, магистралҳои гармидиҳӣ, обтаъминкунӣ, канализатсия, иншооти тозакунӣ, даҳҳо биноҳои бисёрқабата, иншооти дорои таъиноти фарҳангию иҷтимоӣ дар Душанбе сохта шуданд. Масъулиятшиносию меҳнатдӯстии Қурбон Юсупов ро роҳбарият ба эътибор гирифта, соли 1978 вайро мудири трести «Душанбестрой» таъин менамоянд, ки дар як муддати кӯтоҳи кор аз ҷониби кормандони трест даҳҳо иншооти дорои аҳамияти хоҷагии халқ сохта шуданд, аз ҷумла, бинои муосири бисёрқабата дар рӯ ба рӯи «Маркази савдои Тоҷикистон» - Универмаги марказӣ /ЦУМ/, Хонаи радио, меҳмонхонаи «Тоҷикистон», Маркази давлатии банақшагирӣ, биноҳои истиқоматӣ ва бисёр дигар иншооти шаҳри Душанбе, ки симои пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанберо тағйир дода, бошукуҳтар ва зиндагии сокинони пойтахтро беҳтар сохтанд. Ҳамзамон трести мазкур муҷтамаи меъмории «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст»-ро дар Боғи «Ғалаба»-и пойтахт сохт. Барои кори шуҷоатмандонааш Қурбон Юсупов бо ду ордени «Нишони фахрӣ», медали «Шарафи меҳнат» ва Ифтихорномаи кумитаи ҳизбии шаҳри Душанбе мукофотонида шудааст.

Соли 1978 бо қарори Бюрои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Қурбон Юсупов барои кор ба ноҳияи Ёвон фиристода шуд, ки дар он ҷо сохтмони корхонаи кимиёвии Ёвон оғоз ёфт. Трести «Тоҷикхимстрой» бо сарварии ин марди шарафманду оқил ва меҳнатдӯст дар шаҳрҳои дигари Тоҷикистон ба мисли корхонаи Ёвон корхонаҳои саноатӣ бунёд намуд, ки дар он даҳҳо мактабҳо, кӯдакистонҳо, кинотеатрҳо, марказҳои алоқа, биноҳои истиқоматӣ, беморхонаҳо сохта шудаанд. Қурбон Юсупов тамоми сирру ҳикматҳои зиндагиро аз падари оқили худ Шамсулло Юсупов, ки солҳои тӯлонӣ раиси Кумитаи иҷроияи шаҳри Норак буданд, омӯхтааст. Мусаллам аст, ки шаҳри Норак, гаҳвораи рушди шаҳрсозии муосир, шаҳри сайёҳӣ ва пойтахти гидроэнергетикаи Тоҷикистон, шаҳре, ки дар наздикии он нерӯгоҳи обии Норак бо сарбанди баландтарин дар ҷаҳон бо иқтидори 2,7 миллиард киловатт соат сохта шудааст. Худи Қурбон Шамсуллоевич пешоҳанги сохтмони шаҳри нави Ёвон, шаҳри кимиёгарон ва пахтакорон, марде, ки шарафи гузоштани хишти нахустини рамзӣ дар таҳкурсии бинои асосии корхонаи кимиёвии Ёвон насиб гаштааст, мебошад. Баъди ба итмом расидани сохтмони ин корхонаи азими саноатӣ ва барои ҷумҳуриамон муҳим, ӯ дар радифи дигар бинокорон бо Ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шуд, ки ин арҷгузорӣ ба меҳнату заҳматҳои шабонарӯзаи ин марди бонангу ор ва оқил аз ҷониби Ҳукумати мамлакат мебошад. Маҳз бо шарофати кордонию масъулиятшиносӣ соли 1982 Қурбон Юсупов ро ба Вазорати сохтмони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайси муовини вазир таъин намуданд ва ӯ масъули масъалаҳои марбут ба манзил, сохтмони индустрия ва нақлиёт гардид. Шиори ин марди накуном ва сарсупурда дар зиндагӣ хизмати содиқона ба халқу ватан буда, ин мисраҳои шеъриро доим вирди забон менамуд:

Ҳар шаб зи худат бипурс агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хизмате ба мардум кардӣ?

Дар ин давра, бо иштироки бевосита ва роҳбарии ӯ даҳҳо бинои истиқоматии бисёрқабата, магистралҳои гармидиҳӣ ва бисёр дигар иншооти сохтмони шаҳрвандӣ бунёд гардиданд. Соли 1989 ба ҳайси менеҷери идоракунандаи трести сохтмону монтажи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Дар соли 1990 Қурбон Шамсуллоевич ба трести навтаъсиси «Мостоспецстрой» омад. Бо сарварии ин марди матинирода дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони Тоҷикистон, назири Тоҷикобод, Ҷиргатол, Навобод пулҳо сохта шуд. Трести «Мостоспецстрой», бо роҳбарии Қурбон Юсупов дарозтарин пули овезонро дар болои дарёи Қизил-Су дар ноҳияи собиқ Совет - ноҳияи ҳозираи Темурмалик сохт. Соли 1991 вай ноиби президенти ширкати «Роҳ» таъин шуд. Дар ин давра бисёр иншоот, пулҳо, роҳҳо, пойгоҳҳо (ДЕУ, ДСУ) ва ғайра сохта шуданд. Соли 1993 Қурбон Юсупов ба нафақа баромад. То соли 1994 ба ҳайси муовини директори корхонаи семент дар Душанбе кор карда, ба масъалаҳои сохтмони асосӣ машғул буд.Соли 1994 вай роҳбари Раёсати сохтмони асосии Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуданд ва дар он ҷо то соли 2002 кор кардаанд.

Қурбон Юсупов натанҳо мутахассиси варзида ва устоди касби худ, балки аз ҳама беш ӯ ҳамчун як шахси нексиришт, дорои фазилатҳои неки инсонӣ мебошанд. Маҳз бо хислат ва ҳулқу атвори накӯяш дӯстони зиёде доранд. Яке аз дӯстонашон Калонова Майсара Юлдошевна - собиқ Раиси ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ мебошанд. - «Ман бо Қурбон Шамсуллоевич ҳангоми дар бахши ҷавонони ноҳияи Фирдавсӣ кор карданам, ки он солҳо ноҳияи Марказӣ ном дошт, шиносоӣ пайдо кардам. Он вақт Қурбон Юсупов роҳбари ҷавон, сардори Раёсати сохтмонии №14 буданд. Дар солҳои 70-ум дар пойтахт сохтмони манзил ва дигар иншоот дар авҷ буд, хусусан сохтмони манзилҳои истиқоматӣ. Шаҳракҳои 46, 61, 63, 65, дар ноҳияи Фирдавсӣ бо дастгирию роҳбарӣ, серталабӣ ва чашмикордони ин марди меҳнатдӯст бунёд гардиданд, - мегӯяд Майсара Калонова. Ҳамзамон мавсуф афзуд, ки Қурбон Юсупов бисёр инсони ҷиддӣ, ростқавл, серталаб ва ғамхору меҳрубон мебошанд. Доимо ба созмони ҷавонони трест кӯмак ва дастгирӣ мекарданд. Шавҳарам ҳам бо онҳо шиносоӣ доштанд. Ҳангоме, ки ба шаҳри Маскав ба дидорбинии фарзандам мерафтем, ҳатман бо Қурбон Юсупов вомехӯрдем, суҳбатҳо мекардем, аз гузаштаю имрӯз ва пешравиҳои Тоҷикистон ҳарф мезадем, хотираҳои неку ширинро ба ёд меовардем. Қурбон Юсупов воқеъан марди хирадманд, серталабу ҷасур, ростқавлу ростгӯ ва бениҳоят масъулиятшинос ҳастанд, бар замми ин шавҳари меҳрубон, дӯсти ғамхор, падари мушфиқ мебошанд бо фарзандону набераҳояшон ифтихор доранд. Қурбон Юсупов аз соли 2006 бо сабабҳои оилавӣ дар пойтахти Русия - шаҳри Маскав зиндагӣ мекунад. Бо ҳамсари азизаш Петрова Мария Фёдоровна 61 сол аст, ки зиндагӣ менамояд, Мария Федоровна зиёда аз 40 сол дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда, дар рушди бахши тандурустии ҷумҳурӣ саҳми муносиб гузоштааст. Қурбон Юсупов ҳамроҳ бо ҳамсари меҳрубонаш Мария Фёдоровна фарзандонро дар руҳияи инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат ва меҳнатдӯстӣ ба камол расонида, соҳибмаълумот намудаанд. Имрӯзҳо Қурбон Юсупов дар ҳалқаи фарзандони солеҳаш ва наберагонаш дӯстрӯяш давлати пирӣ меронад. Хушбахт аст, ки бо меҳнатдӯстиву масъулиятшиносияш дар рушди пешрафти Тоҷикистон саҳми бориз гузоштааст. Қурбон Юсупов инсони наҷиб аст, зеро даҳҳо нафар шогирдонро ба камол расонида, ба онҳо нозукиҳои касби сохтмону бунёдкорӣ омӯхтааст, таҷрибаи ҳаёти худро талқин намудааст. Имрӯз насли калонсол дар Тоҷикистон ном ва корномаи ин марди бунёдкор ва наҷиб - Қурбон Юсупов ро хуб дар ёд доранд ва дӯсташ медоранду эҳтиром менамоянд, чунки ба халқу давлат содиқона хизмат намудааст.

Аҳли кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба собиқадори соҳаи сохтмон ва меъморӣ, инсони асил, марди нексиришт - Қурбон Юсупов 85-солагии зодрӯзашонро табрик намуда, барояшон саломатии бардавом, умри дарози саъдиёна ва саодати дунёро таманно доранд.

М. САИДОВА

Қурчибек Юсупов:

«ҲАМЕША БАРОИ ОБОДИИ ДИЁР КӮШИДААМ»

Юсупов Қурчибек Ҳусейнович 20-уми декабри соли 1957 дар деҳаи Ҳадишаҳри ноҳияи Мастчоҳ ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби №3-и деҳа (соли 1974) ба Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ) дохил гардида, онро бо ихтисоси меъмор бомуваффақият хатм намуд. Минбаъд дар вазифаҳои зиёди масъулиятнок фаъолият намуда, худро ҳамчун мутахассиси соҳибкасб муаррифӣ карда тавонист. Барои хизматҳои шоистааш дар соҳаи меъморӣ бо унвони фахрии «Арбоби ҳунари Тоҷикистон» (соли 1998), медалҳои соҳавии «Меъмори фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2009), «Устоди меъморӣ» (соли 2012) ва дигар ифтихорномаву инъомҳои пулию молӣ қадрдонӣ гардидааст. Барои намоиш-озмуни беҳтарин асарҳои меъмории Ассотсиатсияи байналхалқии меъморони ИДМ дар шаҳри Алма-Ато (соли 2015) бо унвони фахрии профессор ва узви вобастаи шуъбаи москвагии академияи байналхалқии меъморон (соли 2020) сазовор шудааст. Номбурда узви раёсат ва узви Иттифоқи меъморони Тоҷикистон буда, мушовири Академияи меъморӣ ва сохтмони ҶТ, муовини раиси бахши меъмории Тоҷикистон буда, дар тарбияи меъморони ҷавон, рушди санъати меъмории ҷумҳурӣ саҳмгузор аст.

Айни замон Қурчибек Юсупов ҳамчун сармутахассиси Раёсати шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хешро идома дода истодааст.

Дар арафаи ҷашни 63-солагии зодрӯзашон бо Қ. Юсупов оид ба кору фаъолияти тӯли солҳо анҷомдодаашон суҳбате доштем, ки фишурдаи онро пешкаши хонандагони арҷманд мегардонем.

- Муҳтарам Қурчибек Ҳусейнович, мехостам рӯзҳои нахустини фаъолияти кориатонро ба хотир биёред. Хеле аҷоиб будагист?

- Дар ҳаёти инсон, вақте ба роҳи мустақилона қадам мегузорад, ҳама чиз аҷоиб менамояд. Пас аз панҷ соли талошу кӯшишҳо дар муассисаи таълимӣ якбора ба итсеҳсолот ворид гардидан нозукиҳои худро дорад. Вале ман фаъолияти кориамро ҳанӯз дар курси чорум таҳсил карданам шуруъ карда будам. Лаборанти кафедраи меъморию лоиҳакашии донишкада будам. Меҳри касби интихобкарда, дар ҳақиқат, касро ҷасур мегардонад. Бинобар он, фаъолиятамро пас аз хатми донишкада дар вазифаи муҳандис-конструктори бюрои лоиҳакашии конструктории заводи химиявии ба номи Л.Я. Карпови шаҳри Менделеевски Федератсияи Россия (дар асоси роҳхат) тӯли се моҳ ҳамчун сармеъмори шаҳри Менделеевск сар кардам. Минбаъд, пас аз бозгашт ба Ватан аввал ба ҳайси сармеъмори ноҳияи Мастчоҳ, сармеъмори лоиҳа дар корхонаи фаръии КВД «Лоиҳакаш» ва аз соли 2014 то ҳол ҳамчун сармутахассиси Раёсати шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор карда истодаам.

- Маълум, ки фаъолияти зиёди кориатон дар ноҳияи Мастчоҳ сипарӣ гардидааст. Мегуфтед, ки кадом корҳо дар муддати беш аз сӣ сол дар ин минтақа ба анҷом расонида шуд?

- Дуруст мегӯед. Муддати сиву се сол сармеъмори ноҳия будам. Дар давраи фаъолияти кориам дар ободӣ ва тарҳгузории ноҳия диққати зарурӣ дода, бо иштироки банда, лоиҳаи ҷобаҷогузории аз тарафи пажуҳишгоҳи «Тоҷикгипроселхозстрой» ба нақша гирифта шуда, як қатор биноҳои маъмурӣ, иҷтимоию маданӣ ва маишии замонавии дорои санъати миллии меъморӣ бунёд гардиданд. Дар таҳияи нақшаи генералии маҳаллаҳои нави хоҷагиҳои Калинин, Зарафшон, Сомониён, Ҳоҷӣ Амиров, Файз Султонов, Юсуф Вафо ва нақшаи генералии маҳаллаи Саъдӣ, мавзеъҳои нави ноҳия, нақшаи генералии маркази ноҳия, лоиҳаи гази табиии ноҳия, ҳамчун меъмор-муаллиф бо лоиҳаҳои азнавсозии бозори марказии ноҳия, ҷамоати Оббурдон, Мастчоҳ, Қуруқсой ва Палдорак, ошхонаю чойхонаҳои маркази ноҳия, тарабхонаҳои «Оли Сомон», «Сафарбой», бинои шуғли аҳолии маркази ташхису табобатии «Сино» ва маркази савдо дар хоҷагии «Сомониён», даромадгоҳи ноҳия, масоҷид ва маҷмааи гумрукии «Фотеҳобод» дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ғайра ширкат варзидам. Аз рӯйи лоиҳаи таҳиякардаамон бинои филиали бонки «Агроинвестбонк» дар шаҳри Хуҷанд, хонаи истиқоматии шаҳрванд А. Абдулов дар шаҳри Чкаловск ва чанд бинои дигар дар шаҳри Менделеевск сохта шуданд.

Ҳаминро ҳам бояд илова намоям, ки бо иштирок ва роҳбарии инҷониб истгоҳҳои нақлиётии шаҳраки Бӯстон ва дигар деҳаҳою бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои Таракент, Қушқудуқ, Шакарбулоқ ва Виткони Куҳистони Мастчоҳ сохта ба истифода дода шуданд.

- Омӯхтани таҷрибаи ҳамкасбони хориҷӣ, такмили ихтисос ба ҳар як мутахассис барои баланд бардоштани савияи касбиаш мусоидат менамояд, ҳамин тавр не?

- Дуруст аст. Бо мақсади баланд бардоштани савияи касбӣ ва такмили ихтисос соли 1986 дар курси кутоҳмуддати кабудизоркунии меъмории деҳот дар Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Москва ва соли 2004 курси такмили ихтисоси сармеъморонро дар филиали хуҷандии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ гузаштам. Солҳои 1992-1993 бошад, мактаби тиҷоратиро дар назди Донишкадаи байнисоҳавии такмили ихтисос дар шаҳри Тошканд хатм намуда, соҳиби касби менеҷери соҳибкорӣ гардидам. Дар баробари ин, солҳои 2006-2019 дар анҷуман ва Шӯроҳои координатсионии Ассотсиатсияҳои байналхалқии меъморон дар Федератсияи Россия, Фаронса, Италия, Олмон, Хитой, Қазоқистон ва Беларус ширкат варзидаам.

- Инак, пас аз ин қадар комёбиву собиқаи корӣ, фикр мекунам, омӯзонидани таҷриба ба ҷавонон айни муддаост.

- Банда ҳамеша хушбин ҳастам ва кӯшиш менамоям, ки дар ободкории ҳар гӯшаю канори мамлакат саҳм гузорам. Дар баробари ин аз он мефахрам, ки як идда шогирдонам имрӯз бевосита дар паҳлӯям истода, соҳаро пеш мебаранд. Аз онҳо, аз ҷумла, аз Хуршед Бурҳонов, Имомалӣ Маҳмадиев, Сурӯш Халилов, Меҳрангез Ҷӯраева, Наҷмиддин Саъдуллоев, Меҳрон Самад, Баҳодур Негматов умеди калон дорам. Онҳо низ аллакай дар кори худ мумтоз шудаанд.

- Муҳтарам Қурчибек Юсупов, ба синни мубораки 63-солагӣ расидан дар соли нави мелодӣ басо рамзист. Бинобар он, шуморо ҳам бо ҷашни зодрӯз ва ҳам бо соли нави мелодӣ табрик гуфта, ба шумо ва аҳли хонадонатон сиҳатмандиву хушрӯзгориро таманно дорем. Бигузор умри дарози бобаракатро дар ҳалқаи аҳли оила ва хешону пайвандонатон сипарӣ намоед.

- Ташаккур, барои таваҷҷуҳу самимиятатон. Ба аҳли эҷоди «Рӯзномаи бинокорон» барору комёбӣ мехоҳам.

Мусоҳиб Ҳотами ҲОМИД

Правление Союза архитекторов Таджикистана поздравляет с Днём рождения известного архитектора республики, главного специалиста Управления архитектуры и градостроительства Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан, председателя Согдийского отделения Союза архитекторов Таджикистана - заместителя председателя Союза архитекторов Таджикистана, профессора, член-корреспондента Московского отделения Международной Академии Архитектуры, обладателя почетных званий «Арбоби ҳунари Тоҷикистон» («Деятель искусств Таджикистана»), «Устоди меъморӣ» («Мастер архитектуры»), «Меъмори фахрии Тоҷикистон» («Почетный архитектор Таджикистана»), и золотой медали Союза архитекторов Таджикистана, Юсупова Курчибека Хусейновича.

Желаем Курчибеку Хусейновичу творческого долголетия, крепкого здоровья, счастья, удачи и благополучия.

ПРИМЕТЫ НА НОВЫЙ 2021 ГОД: ЧТО НЕЛЬЗЯ И ЧТО МОЖНО ДЕЛАТЬ, ЧТОБЫ ПРИВЛЕЧЬ УДАЧУ

Новогодняя ночь - это долгожданный праздник, окутанный множеством тайн и чудес. Многие люди верят, что в этот особенный праздник могут исполниться заветные желания. Но для того, чтобы привлечь деньги, любовь и удачу, нужно исполнить определенные ритуалы. 2021 год пройдет под покровительством Белого Металлического Быка, поэтому важно исполнить его приметы, чтобы задобрить символ года.

ЧТО НУЖНО СДЕЛАТЬ В НОВЫЙ ГОД

Чтобы удачно встретить 2021 год, важно завершить до 1 января незаконченные дела и исполнить некоторые ритуалы.

Уберите в квартире до 31 января. Очень важно встречать 2021 год в чистом и ухоженном доме, чтобы он прошел удачно. Не забудьте украсить елку перед праздником и подготовить новогодний декор квартиры.

Перед Новым годом нужно вернуть все долги и одолженные вещи. Если этого не сделать - вы будете в долгах весь следующий год.

Обязательно простите все обиды и помиритесь с людьми, с которыми вы поссорились.

31 декабря нужно подвести итоги уходящего года. Выпишите на листочек свои достижения за 2020 год и планы на следующий. Символ года Бык ценит целеустремленность и умение планировать будущее.

ЧТО НЕЛЬЗЯ ДЕЛАТЬ В НОВЫЙ ГОД

Во время праздника нельзя ссориться, сквернословить и спорить с другими - иначе весь год пройдет в ссоре.

Нельзя стирать, убирать в доме и выносить мусор после захода Солнца 31 декабря - так можно призвать беду. Даже если вы не успели что-то убрать в доме - позвольте себе расслабиться и отдохнуть в Новый год.

Запрещено 31 декабря и 1 января пускать гостей в спальню хозяев - это может привлечь супружескую неверность.

Не нужно использовать красный цвет в одежде и украшениях елки. На новогодний стол не стоит подавать блюда из говядины.

КАК ОДЕТЬСЯ И НАРЯДИТЬ ЕЛКУ В ГОД БЫКА

Чтобы 2021 год прошел успешно, важно задобрить Белого Металлического Быка. Символ года любит скромность и простоту - это нужно учитывать при выборе наряда и елочных украшений. Счастливыми цветами 2021 года являются белый, серебристый, золотой, синий, голубой, зеленый. От красного и черного в этом году лучше отказаться.

ПРИМЕТЫ НА ДЕНЬГИ В НОВЫЙ ГОД

➢ Когда накрываете на стол перед Новым годом - положите монетку под тарелку каждого гостя. Это привлечет финансовый успех.

➢ Возьмите купюру с крупным номиналом и сжимайте её в руке во время боя курантов. Когда начнется 1 января, положите купюру в кошелек и носите её как талисман.

➢ Под коврик перед входной дверью спрячьте монетку, чтобы в доме водились деньги.

➢ В центр праздничного стола поставьте блюдечко с зерном и монетами, чтобы следующий год был щедрым и прибыльным.

ПРИМЕТЫ НА ЛЮБОВЬ И СВАДЬБУ

➢ Чтобы привлечь жениха, одинокой девушке следует сесть между двумя братьями или родственниками мужского пола за столом.

➢ Случайно порезать палец или уколоться в Новый год - к счастливому браку.

➢ Во время боя курантов и встречи полуночи паре нужно держаться за руки и целоваться - тогда отношения будут крепкими.

➢ Чтобы забеременеть в новом году, нужно повесить на елку несколько погремушек или пригласить за новогодний стол беременную девушку.

➢ Чем больше людей поздравит пара в новогоднюю ночь, тем счастливее она будет.

ПРИМЕТЫ НА ЗДОРОВЬЕ И СЧАСТЬЕ В НОВЫЙ ГОД

Чтобы смыть с себя негатив и болезни, примите ванну с морской солью или пеной 31 декабря.

Если в Новый год разобьется елочная игрушка, посуда или бокал - весь год вы будете счастливы и здоровы.

В новогоднюю ночь нельзя плакать - это привлечет болезни.

Перевязать ножки стола веревкой перед празднованием - к счастью и здоровью.

БОБОИ БАРФӢ АЗ КУҶО ОМАДААСТ?

Бисёриҳо ба он ақидаанд, ки образи Бобои Барфӣ ҷуз бофтаву ҳаёл ва афсонае беш нест, вале чӣ хеле, ки аз бозёфтҳо исбот гардидааст, Бобои барфӣ шахсияти таърихист. Дар асри 4-и пеш аз мелод дар Осиёи Хурд Николайи муқаддас зиндагӣ мекард, ки муъҷизаҳои зиёд нишон медод. Католикҳо ӯро Клаус мегуфтанд. Бо гузашти солҳо ин одам мавриди ривояту афсонаҳо гашта, гирди номи ӯ муъҷизаҳои зиёде паҳн гардида буд. Дар симои ӯ мӯйсафеди некӯю дидадароро медиданд, ки ба кӯдакон туҳфаҳову савғотиҳо медиҳад. Ба ӯ ҳар гуна лақабҳо гузошта буданд, аз ҷумла, «Падар-барф», (Папа-снег), Шэн Дан, Лаожен, Миколаус, Бобои Барфӣ номҳои ӯ гардида буданд. Николай боре ба назди дари хонаи хонаводаи қашшоқу камбизоате зару тилло партофта, се духтари қадраси ӯро аз шармандагӣ раҳо мекунад.

Дар асри 6-и пеш аз мелод, дар масҷиде, ки ӯро гӯронида буданд, ғоратгарони итолиёвӣ устухонҳои ӯро дуздида, ба Ватани худ мебаранд. Тамоми мардум аз ин ғоратгарӣ ба таҳлука афтода ҷанҷоли байналхалқӣ оғоз меёбад. Ин боис мегардад, ки баъди вафоташ ӯро бузургу муқаддас эълон намоянд. Дар асрҳои миёна рӯзи 19-уми декабр Рӯзи Николай эълон шуда буд.

Дар ин рӯз ҳамчун Николайи некдил ба кӯдакон савғотиҳо медоданд. Баъди таъсиси тақвими нав 19 декабр ба соли нав гузашт. Либоси Бобои барфӣ аввал дар шакли хилъати боронӣ буд. Аввалҳои асри 11 ҳолландиҳо расми ӯро рамзи дар даҳон сигори дудкардаистода кашиданд. Охири ҳамин аср бошад, ба ӯ либоси сурхи пашмин пӯшониданд. Соли 1860 рассоми америкоӣ Томас Найт Бобои Барфиро бо риши дарози сап-сафед кашид. Баъдтар Тенниели англис образи ӯро ҳамчун шахси фарбеҳи шикамкалони дарёдил тасвир намуд.

Образи Бобои барфӣ дар Россия бо роҳнамоии княз ва нависандаи бузург Владимир Одоевский машҳур гардидааст. Соли 1840 ӯ ҳикояи «Мороз Иванович»-ро иншо кард. Соли 1873 дар намоишномаи «Барфак» Бобои барфӣ ӯро ҳамчун ёрдамчӣ истифода мебарад.

То соли 1935-ум образи Барфак гум шуда буд. Соли 1950 бо дастгирии нависандаи рус Лев Василиев ва классики шинохта Сергей Михалков ҳангоми навиштани барномаи солинавӣ дар Кремл образи Барфак аз нав эҳё гардид.

Таҳияи Ҳ. ҲОМИД

НОВОГОДНИЕ АНЕКДОТЫ

Ну, как встретил Новый год?

- Хуже не бывает! Проснулся 3 января под елкой.

Да, ничего страшного, выходные ведь!

- Конечно, но, черт побери, в лесу ведь холодно!

❄ ❄ ❄

Приходи ко мне встречать Новый Год, - приглашает один приятель другого.

- А твоя жена в курсе?

Еще бы! Из-за этого сегодня утром она мне закатила грандиозный скандал.

❄ ❄ ❄

После встречи Нового Года.

- Мадам, вы не могли бы показать мне дорогу домой?

Могу,

- А откуда вы знаете, где я живу? Мы что, с Вами знакомы?

Замолчи, придурок! Я твоя жена!

❄ ❄ ❄

Гаишник останавливает автомобиль, превысивший скорость.

- Куда вы так спешите? - спрашивает он водителя.

Домой. Мы встречали Новый год с друзьями, я немного задержался.

Жена волнуется.

- Но ведь сейчас май на дворе.

Поэтому и спешу.

❄ ❄ ❄

Ну и что вы с Катей решили по поводу Нового Года?

- Мы решили - пусть наступает.

❄ ❄ ❄

31 декабря, вечером подходит сын к маме и говорит:

- Давай, когда будет половина 12-ти закричим: Новый год! Новый год!

Зачем это?

- А пусть наши соседи думают, что к нам Новый год раньше пришел.

❄ ❄ ❄

После празднования Нового года встречаются два мужика:

- Ну, как встретил праздник?

Да не знаю, еще не рассказывали.

❄ ❄ ❄

Я так много читал о вреде алкоголя и курения, что с Нового года решил бросить.

- Что именно: пить или курить?

Читать.

❄ ❄ ❄

Решили студенты Новый Год праздновать в заброшенном замке с привидениями.

Одна девушка отказывается:

- Мне мама не разрешает встречать Новый Год с привидениями.

Почему?

- У них на работе одна женщина встречала Новый Год с привидением,

Так теперь не может в детский сад ребенка устроить!

❄ ❄ ❄

Маленький сын спрашивает отца:

- Папа, а почему ты повесил конфеты на елку так высоко?

Для того чтобы ты не достал их до Нового Года!

- Так мне что, теперь дождик жрать?!

❄ ❄ ❄

Что будем делать на Новый год?

Водку пить.

- Давайте не будем превращать праздник в обычный день!

❄ ❄ ❄

Для кого-то Новый год - рождение нового года,

А для кого-то - похороны старого.

❄ ❄ ❄

Засиделись гости на Новый Год, хозяйка уж не знает, что делать.

Звонок по телефону.

Она подходит и тут идея,

Возвращается и орет:

- Пожар, пожар!

Все:

- У кого пожар?

Я не расслышала, у кого-то из вас.

❄ ❄ ❄

После встречи Нового года пьяный обращается к милиционеру:

- Скажите, как мне дойти до вокзала?

Идите прямо.

- Прямо? Ну, значит мне не дойти!

❄ ❄ ❄

Утро нового года.

На столе записка:

С новым годом, дорогой!

P.S.: Рассол в холодильнике.

P.P.S.: Холодильник на кухне.

❄ ❄ ❄

А я своей любимой на Новый год подарок под елку положил!

- А она что?

А она его до сих пор и ищет: тайга-то большая!

❄ ❄ ❄

Сколько времени осталось до Нового Года?

- Ты что, не видишь, ровно полбутылки!

❄ ❄ ❄

Знаете ли вы,

Что расточительные итальянцы на Новый Год выбрасывают в окна старую мебель?

А хитрые евреи ее подбирают и перепродают в Россию.

❄ ❄ ❄

31 декабря очень хочется начать с Нового года новую жизнь!

А 1 января мы не в состоянии даже продолжать старую.

❄ ❄ ❄

Сидит мужик в баре под Новый Год,

Вдруг видит заходит его друг с кефиром и стаканчиком и спрашивает:

- А ты чё здесь один?

Мужик отвечает:

- Да вот решил в баре Новый Год провести, садись, выпьем!

Не, я лучше кефирчику попью,

- Да ты чё, Новый Год ведь,

Ну и что, вот скажи ты Новый год прошлый помнишь?

- Да, помню.

А я нет!

❄ ❄ ❄

Дело было 31 декабря. Часов десять вечера.

Идем праздновать Новый Год.

Несем три приличных сумки - понятно с чем.

Ну, и сами, разумеется, уже не совсем трезвые.

И вот, остается всего 5 минут пути, мы уже предвкушаем веселье, и вдруг,

Метрах в десяти мягко тормозит милицейская машина.

Оттуда вылазит сержант и направляется прямо к нам.

Мысли, естественно, самые мрачные,

В лучшем случае денег стрясет, в худшем - Новый Год в обезьяннике.

А ведь как встретишь,

Сержант подходит:

- Сумки поставьте! - покорно ставим сумки на снег.

Моему другу:

- Руки протяни, - тот протягивает руки.

- Горстью! - тот удивленно складывает руки горстью.

Сержант лезет в карман и высыпает ему в руки горсть конфет.

После чего поворачивается и идет к машине.

От машины оборачивается и произносит:

- Ну, вы же ждете в Новый Год какого-нибудь чуда!

ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

Аҳли кормандони КВД «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон» ва аҳли қалами «Рӯзномаи бинокорон» Директори КВД «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон»

АБДУРАҲМОН КАРИМЗОДА

-ро бо зодрӯзашон самимона табрику таҳният гуфта, ба эшон тани сиҳату хотири ҷамъ, хуррамиву ободии рӯзгор, бахту иқболи баланд, шодиву сурур ва дар кори пурмасъулияташон муваффақиятҳои нав ба навро таманно менамоянд.

ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

Собиқадори меҳнат, мутахассиси варзидаи соҳаи меъморӣ ва сохтмон, аъзо-корреспонденти ташкилоти ҷамъиятии Академияи меъморӣ ва сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПӮЛОДҶОН ҲАКИМОВ

зодрӯз доранд. Коллективи кормандони ташкилоти ҷамъиятии «Академияи меъморӣ ва сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» устодро бо фарорасии ин рӯзи фирӯз самимона табрик намуда, бароятшон хонаи обод, хушиҳои зиндагӣ ва саломатии бардавомро таманно мекунад.

СОЛИ 2021 - СОЛИ БАҚАР

Мувофиқи солномаи шарқӣ соли 2021 соли Бақар (Гов) аст. Тибқи ҳисоби мунаҷҷимон (ситорашиносон) онро соли Бақари сурх ё оташин низ меноманд. Хусусиятҳои сол: нерӯи офтоб дар рафтору кирдор ва руҳияи одамон таъсири амиқе расонда, онҳоро ба кору фаъолияти бештару самараноктар ҳидоят менамояд. Одамони дар ин сол ба дунё омада одатан дар ҳама кор пешсафанд, метавонанд оммаро аз паси худ баранд. Аз таваккал кардан намеҳаросанд. Дудилагӣ ба онҳо қариб бегона аст. Лекин солномаҳо таъкид менамоянд, ки дар ҳар коре бояд андоза нигоҳ дошт, қабл аз ҳар амале бояд андеша кард, то малоли хотири дигарон нагардад. Дар ин сол зарурати тағйироти ҷиддӣ дар кору рӯзгори одамон ба миён меояд.

Масоиле, ки дар соли Бақар моро бештар ба ташвиш меорад, ғолибан ба ҳаёти шахсии мо, муносибатамон ба хешу табор ва наздикон марбут аст. Сол барои пайванди риштаҳои гусаста дар муносибат ба атрофиён, таъмири хонаву манзил, барои кӯчидан ба хонаи нав мусоидат мекунад. Шиори соли Бақар ин аст: Содалавҳӣ бас аст! Гарчанде ин сол соли бобарор аст, натиҷаҳои мусбиро бе меҳнати пурмашаққат ба даст овардан номумкин аст. Дар ин сол ҳодисоту воқеоти зиёде рух медиҳанд, ки андеша ва дарки моҳияти онҳо лозим аст. Мо ҳама водор мешавем, имконияти хурдтарини беҳбуди рӯзгорамонро пурсамар истифода намоем.

ДАР СОЛИ БАҚАР МОРО ЧӢ ИНТИЗОР АСТ?

Дар соли Бақар таваллудшудагон (1901, 1913, 1925, 1937, 1949, 1961, 1973, 1985, 1997), ки мучали онҳост, тағйиротҳои ҷиддӣ дар тақдиру рӯзгор, масоили ишқу меҳнат интизор аст, зеро онҳо доираи нави 12-солаи хешро оғоз менамоянд. Нақшаҳои шахсии Бақар баъзан ба монеаҳо дучор омада, аммо тавассути меҳнатдӯстӣ ва ҷаҳду кӯшиш, ки хоси зодагони ин мучал аст, натиҷа хоҳанд овард.

Даромади молиявӣ ва нуфузу обрӯи онҳо рӯ ба афзудан хоҳад дошт. Аз эҳтимол дур нест, ки соҳиби курсӣ ё мансаби болотаре гарданд. Имкониятҳои заминӣ ва нерӯҳои осмонӣ низ ба нафъи ин одамон хоҳад буд. Дар ин сол издивоҷ кардан бароямон некӯст. Бархеро тифлакони аз ҳар ҷиҳат солим ба дунё меоянд. Барои маишати шахсӣ, кору бори рӯзгор имкониятҳои зиёде фароҳам хоҳад омад. Бақарҳо бояд бипарҳезанд ва шиносоиҳои тасодуфӣ ва меҳмонони нохонда нашаванд. Дар байни онҳо ҳасудону душманон метавонанд бошанд. Аксар шахсони солашон Бақар дар зиндагӣ одамони дурандеш мебошанд. Онҳо барои «рӯзи мабодо» пулу мол захира мекунанд, ки он нафақат рӯзгори эшонро баъди ба нафақа баромадан таъмин месозад, балки ба набераву абераҳояшон низ мерасад. Бинобар ин, дар айёми пирӣ қатъӣ назар аз нобаробариҳои кор хазинаи бисёр одамони солашон Бақар пур аст.

Агар хотири шахсе, ки солаш Бақар аст, аз касе ранҷад, бо душворӣ ҳам бошад, мумкин аз гуноҳи ӯ гузарад, аммо набояд фаромӯш сохт, ки захми сухан дар қалби вай дурудароз боқӣ монад. Вай зоҳиран бо шумо муносибати хуб мекунад, аммо дар асл ботинан азоб мекашад, чунки кирдори шуморо наметавонад фаромӯш созад. Шахси меҳнаткашу оиладӯст аст.

АНЪАНАҲОИ СОЛИНАВИИ МАРДУМИ ОЛАМ

Яке аз қадимтарин идҳои инсоният, ки ҷашн мегиранд, иди Соли нав аст. Ҳангоми ҳафриёти аҳромҳои Мисри қадим бостоншиносон шикастапораи кӯзаеро пайдо намудаанд, ки дар он «Ибтидои Соли нав» сабт шуда буд. Дар ***Мисри қадим*** Соли нав ҳангоми дамидани дарёи Нил (тақрибан охирҳои моҳи сентябр) ҷашн гирифта мешуд. Дамидани Нил хеле муҳим буд, зеро ки он биёбонро шодоб мегардонид. Дар Соли нав ҳайкалҳои Худояшон - Амон, занаш ва писарашро дар киштие мегузоштанд ва як моҳ дар дарёи Нил шино мекарданд. Дар тамоми ин вақт одамони дохили киштӣ сурудхонӣ, рақс ва шодиву хурсандӣ мекарданд. Баъд ҳайкалҳоро боз ба ибодатгоҳ меоварданд.

Римиёни қадим ҳанӯз то милод ба ҳамдигар туҳфаҳои солинавӣ тақдим мекарданд ва шаби Соли навро бо майнӯшиву базмороӣ мегузарониданд. Онҳо ба ҳамдигар дар Соли нав хушбахтӣ, муваффақият ва бурдборӣ мехостанд. Муддати дарозе римиён Соли навро дар аввали моҳи март ҷашн мегирифтанд, то даме ки Юлий Сезар тақвими наверо ҷорӣ намуд. Ҳамин тавр, рӯзи қайдгирӣ Соли нав рӯзи якуми моҳи январ гардид. Номи моҳ ба шарафи Худо - Янус (дурӯя) гузошта шуда буд. Як рӯйи ӯ аз соли гузашта ва рӯйи дигараш ба пеш, ба Соли нав буд. Иди Соли навро «Календа» мегуфтанд. Одамон дар ин муддат хонаҳояшонро оро медоданд ва ба ҳамдигар туҳфаҳо мекарданд, ғуломону хӯҷаинҳояшон якҷоя хурсандӣ мекарданд. Римиёни сарватманд ба императорҳо туҳфа медоданд. Аввалҳо ин кори ихтиёрӣ буд, вале баъдтар императорҳо дар Соли нав худашон туҳфа даъво мекарданд. Императори Рим - Калигула рӯзи якуми Соли нав ба майдони назди қасраш мебаромад ва аз раияташ туҳфаҳо мегирифт. Ӯ дар дафтаре қайд мекард, ки кӣ чандто ва чӣ дод...

Дар ***Бобулистони қадим*** Соли навро баҳорон ҷашн мегирифтанд. Дар давраи ҷашн шоҳ 4-6 рӯз аз шаҳр берун мерафт, вақте ки шоҳ набуд, мардум метавонистанд ба чӣ коре, ки хоҳанд, машғул шаванд. Баъд аз чанд рӯз шоҳу дарбориёнаш дар тан либосҳои идона бармегаштанд ва халқ низ ба кори худаш бармегашт. Ҳамин тавр, ҳар сол одамон ҳаётро аз нав сар мекарданд.

Келтҳо ва сокинони Галлия (ҳудуди Фаронсаи ҳозира ва қисми Англия) Соли навро дар охири моҳи октябр ҷашн мегирифтанд. Дар Соли нав келтҳо хонаҳояшонро бо шохчаҳои дарахт оро медоданд, то ҷинҳоро аз хона дур кунанд. Онҳо ақидае доштанд, ки гӯё дар Соли нав арвоҳи мурдагон аз нав зинда мешуда бошанд. Келтҳо аз римиён бисёр урфу одатҳоро қабул карда буданд. Шоҳони онҳо низ аз раияташон туҳфаҳо меситониданд. Одатан тиллову ҷавоҳирот туҳфа мекарданд. Пас аз чандин асрҳо малика Елизаветаи 1 як маҷмӯи калони дастпӯшакҳои ҷавоҳиротдорро ҷамъ оварда буд.

Соли нав ***дар Англия***, дар асрҳои миёна, дар ибтидои моҳи март ҷашн гирифта мешуд. Қарори парлумон оид ба рӯзи ҷашнгириро ба 1 январи соли 1752 гузарониданд. Дар замони қадим Соли навро аксари вақт дар баҳор ҷашн мегирифтанд, зеро дар ин давра табиат аз нав зинда мешуд.

Дар Россия низ Соли навро 1 март ҷашн мегирифтанд. Дар асри 14 Калисои ҷомеъи Москва қароре баровард, ки мувофиқи он Соли нав 1 сентябр аз рӯйи тақвими юнонӣ ҷашн гирифта мешуд. Танҳо дар соли 1699 Пётри 1 баъд аз Аврупо баргаштан бо фармони махсусаш солшумориро аз 1 январ сар кунонд ва ин рӯзро рӯзи ид хонд.

ЧАРО АРЧА АЗ СОЛИ НАВ ХУРСАНД НЕСТ?

Хангоме ки мо иди Соли нав мегӯем, арчаи ородода ба ёдамон мерасад. Арча ба Соли нав чӣ иртибот дорад? Аслан, оро додани арча расму оини қавмҳои дарахтпарастии Скандинавия буд. Онҳо ба воситаи оро додани арча, ки дар он сарзамин зиёд мерӯяд, аз «руҳҳои муқаддас» мадад мехостанд. Пётри 1 зимни сафараш ба Аврупо шоҳиди ороиши арча шуду фармон баровард, ки ин оин ҳангоми Соли нави исавӣ (милодӣ) дар Россия ҷорӣ шавад. «… Баъди шукрона ба Худо ва ибодати бо ҷамоат дар калисо омадани сарватманд назди дарвозаи худ арчаро оро диҳанд. Камбағалон бошанд, шохаи арчаро дар дарвозаашон насб намоянд».

Ҳар сол бо баҳонаи таҷлили Соли нави милодӣ миллионҳо дарахти арча нобуд мешавад. Ҷамъиятҳои ҳифзи табиат дар бисёр кишварҳо зидди ин аъмол садо баланд карда, тавсия медиҳанд, ки дар ҷашни Соли нав аз арчаи сунъӣ истифода шавад. Зеро дар дунё, махсусан, минтақаҳои сард ҳамагӣ 36 намуди арча мерӯянду аксари онҳо дер ба воя мерасанд. Аз ин рӯ, ба хотири дилхушии якрӯза дарахти чандсоларо нобуд кардан аз рӯйи инсоф нест.



СОЛИ НАВРО ЧӢ ГУНА ҶАШН МЕГИРАНД?

Аз рӯйи одат Соли нав аз 31 декабр сар шуда, то 31-уми январ (старый Новый год) давом мекунад. Аз ин хотир чанд фолу анъанаҳои солинавиро пешкаши шумо менамоем. Бояд гуфт, бештари фолҳои солинавӣ ба пул вобастагӣ доранд. Мутаассифона, мавзуъҳои ишқ, эҷодиёт ва лаҳзаҳои илҳом дар зинаи дуввум меистанд. Ин анъана аз қадим омадаву то ба имрӯз боқӣ мондааст. Солҳои пешин дороён ба фолу ривоятҳои сахт эътиқод дошта, пеш аз ид тамоми хизматгорони худро ҷамъ карда, онҳоро огоҳ мекарданд, ки чизеро аз хона набароранд, вагарна аз кор пеш карда мешаванд.

ДАР РОССИЯ

Анъанаҳои табрикотии солинавии шаҳрвандони Россияро Леонид Илич Брежнев оғоз карда буд. Пас аз пошхӯрии ИҶШС (моҳи декабри соли 1991) Президенти аввалини Россия Борис Николаевич Елтсин табрик кардани халқро нахост. Ин вазифаро ба дӯши худ адиби ҳаҷвнавис Михаил Задорнов гирифт. Ин далел қаҳру ғазаби халқро овард. Бинобар ин, Ҳукумат қарор дод, ки ба анъанаи писандидаи мардум баргардад. Баромадҳои солинавии худро Елтсин, чун қоида, дар яке аз утоқҳои корӣ сабт менамуд. В.В. Путин бошад, бештар сокинони кишварашро аз Майдони Саборнаяи Кремл табрик мекард.

Аммо агар ба таърих рӯ биёварем, маълум мегардад, ки дар Россия Соли нав дар асри 14, рӯзи якуми сентябр дар Майдони Сурх ҷашн гирифта мешуд. Соли 1700 баъди тақвими нав аз рӯйи Библия Соли навро 31-уми декабр ҷашн гирифтанд ва ин сана ба ҳукми таърих даромад. Маросими супоридани туҳфаҳои солинавӣ то 13-уми январ давом мекунад.

ДАР РУМИНИЯ

Мардуми Руминия анъанаи аҷибе доранд. Ба даруни кулчақандҳои солинавӣ пул, қолабчаҳои булӯрин, қаланфури тунд гузошта мепазанд. Агар аз дарун кулчақанд ангуштарин баромад, ин маънои онро дорад, ки Соли нав хушбахтиҳои зиёд меорад. Агар рафту қаланфур барояд, ҳама ба ҳоли ӯ механданд, зеро ӯро аз рӯйи пешгӯиҳо тамоми сол гиря кардан лозим меояду халос.

ДАР ЯПОНИЯ

Дар Япония субҳи якуми январ тамоми сокинони шаҳру маҳаллаҳо ба пешвози офтоб мебароянд. Бо нурҳои аввалини офтоб япониҳо якдигарро бо Соли нав табрик гуфта, туҳфаҳо тақдим менамоянд.

ДАР БРИТАНИЯ

Олимони Британӣ бовар мекунонанд, ки симои ҳақиқии Санта Клаусро бақарор намуданд. Аниқтараш, симои Николайи бузургро, ки мӯйсафеди нуроние дар либоси сурх буд, ба Санта Клаус табдил доданд. Боқимондаи ҷисми Николайи бузург, накӯномии худ машҳур гашта буду ба камбизоатон кӯмак мерасонд, дар масҷиди шаҳри итолиёвии Бари маҳфуз буд. Бо ёрии компютер антрополог Каролайн Уилкинсон симои шахсро барқарор намуд. Марди сабзинаи қадаш миёна бо бинии шикаста, ки дар асри мо онро рассомони амрикоӣ Бобои барфӣ гӯён сохтаанд, аз симои ҳақиқии Санта Клаус фарсаҳҳо дур аст.

ДАР АНГЛИЯ

Ҳар як шаҳрванди Англия дар шаби Соли нав ба шиносҳои худ туҳфаи зинда, яъне сагча тақдим мекунанд. Аммо ин амали онҳо муҳофизони ҳайвонотро шод намегардонад. Онҳо бо маърӯзаи худ баромад карда, иброз намуданд, ки ҳайвоноти хонагиро ҳамчун ашёи моддӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аксари одамон ба ситораҳо, аз ҷумла, ба Бритни Спирс ва футболбоз Уэйн Руни, ки ба дӯстдоштаи худ сагчаи чау-чау (нархаш 1,5 ҳазор доллар бударо туҳфа намуда буд), тақлид менамоянд. Муҳофизони ҳайвонот мегӯянд, ки муносибати бепарвоёна ба сагчаҳо боиси он мегардад, ки ҳамасола дар Англия беш аз 100 ҳазор саги партофташуда аз гуруснагӣ ва хунукӣ мемиранд.

ДАР БУЛҒОРИЯ

Дар Булғористон ба муносибати фаро расидани Соли нав, яъне соати 24-и 31-уми декабр се дақиқа чароғҳо хомӯш карда мешаванд. Дар ин ҳолат марду зан (яъне зану шавҳар) бо ҳам бӯсобӯсӣ мекарданд. Баъд аз он кадбонуҳо пирог ё самбӯсаеро, ки дар дохилаш ҳар гуна туҳфаҳо ҷой мекунанд, пора мекунанд. Агар ба нафаре танга расад, он шахс дар Соли нави омада бой мешавад. Барги садбарг бошад, нишони ишқу муҳаббат аст. Ин анъана дар Австралияю Испания низ роиҷ аст.

Таҳияи Ҳотами ҲОМИД

КРОССВОРД

Новый год — один из тех редких праздников, которые единодушно отмечаются всем семимиллиардным населением Земли.

Каждая страна уникальна в своих традициях - где-то больше популярно Рождество, где-то Новый год, а где-то вообще запрещены оба праздника.

Празднование начала года удивительным образом объединяет людей разных национальностей и возрастов. Его любят как взрослые, так и дети.

Одна из самых популярных традиций на Новый год - оставить в старом году все плохие привычки и начать новую жизнь. Миллионы людей во всем мире ежегодно пытаются изменить себя.

Индекси обунаи рӯзнома: 69022
Суратҳисоби бонкии рӯзнома: **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

Муассис:
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Учредитель:
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рӯзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг таҳти №0178 ва 17 марти соли 2009 таҳти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН»
- БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

Сардабир
Дилбар ТАБАРОВА

Ҳайати таҳририя
М.М. ЗУВАЙДЗОДА
Ш. РАҲМАТУЛЛОЗОДА
А. САФАРЗОДА
П. АМИНЗОДА

Саҳифабанд
Дониёр САТТОРОВ

Нишонии идораи рӯзнома:
ш. Душанбе,
к. Ш. Ҳусейнзода, 34
Тел. **227-22-07, 227-22-39**
Рӯзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1100** нусха

Арзиши солонаи обуна:
88 сомонӣ

Хабарнигорон: Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд)
Дар «Рӯзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

CMYK